МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

ТДУ: 355/359 (091) (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис



СОБИРЗОДА САЙЁД РАМАЗОН

(Собиров Сайёд Рамазонович)

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991-2021)

АВТОРЕФЕРАТ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ
(6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))

Кӯлоб – 2026

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ:	**Абдуллоев Маҳмуд Холович** – д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Муқарризони расмӣ:	**Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ғафуров Абдулло Мутиллоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ
Муассисаи пешбар:	Кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимоя санаи 4–уми декабри соли 2026 соати 13:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–082 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) амал мекунад, баргузор мегардад. E-mail: mahmadullojalilov@mail.ru; рақами телефони котиби илмӣ 904-11 02 66.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) ва сомонаи расмии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (www.dtsu.tj.) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,

номзади илмҳои таърих **Ҷалилов М.Ш.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Таърихи давлатдорӣ нишон медиҳад, ки ташаккули ҳар давлат ба неруҳои мудофиавӣ ва қудрати низомӣ вобастагии зич дорад. Қуввaҳои Мусаллаҳ, ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ воситаи ҳимояи истиқлолият, амният ва суботи миллӣ ба ҳисоб меравад. Қуввaҳои Мусаллаҳ рукни асосии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Омӯзиши таърихи он имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккул ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ амиқ дарк шаванд. Бе таҳқиқи таҷрибаи артиш фаҳмиши пурра аз давлати навини тоҷикон ғайриимкон аст. Чуноне, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи ғалаба гуфтаанд: «Мо ифтихор дорем, ки Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёри мо имрӯз аз сабақу корнамоиҳои ниёгони хеш барои ҳимояи марзу буми кишвар, ҳифзи дастовардҳои замони истиқлолияти давлатӣ ва таъмини зиндагии орому осоиштаи мардуми кишвар чун сипари боэътимод омодаанд» [10, с.328].

Аз замони соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони ҷумҳурӣ баҳри таҳкими давлати демократӣ, ки дар рушду нумуи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, роҳандозӣ намудани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадамҳои устувор гузошта, ҷаҳд бар он дорад, ки Тоҷикистон дар радифи кишварҳои пешқадами олам қарор гирад. Дастовардҳои халқи тоҷик дар соҳаҳои гуногун, аз қабили иқтисодӣ–иҷтимоӣ, саноат, илму фарҳанг, маориф, адабиёту санъат ва ҳифзи муқаддасоти он, пеш аз ҳама, дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, муқаддас донистани ҳифзи марзу буми кишвари азизамон таълим дидану тарбия гирифтани наслҳои наврасу ҷавонон вобаста аст.

Аҳаммияти омӯзишии мавзуъ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад**:**

-якум, ташкилёбӣ ва рушди Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки аз соли 1992 то соли 1997 давом кард, ҳанӯз ба таври кофи омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи илмӣ ва амалии ин масъала, бо назардошти касби таҷрибаи таърихӣ барои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан муҳим аст;;

-дуюм, таҳқиқ ва инъикоси нақши таърихии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкил намудани Қуввaҳои Мусаллаҳ;

-сеюм, таҳқиқи таърихи ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳ дар фаъолияти пеш бурдани хизмати ҳарбӣ, баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ таъсиргузор буда, мубрамии мавзуи интихобгардидаро боз ҳам муайян мекунад;

-чаҳорум, омӯзиши ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳамчун ҷузъи калидии бунёди давлат пас аз истиқлол, қонуният, рамзҳои давлатдорӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ;

-панҷум, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти ватандӯстии аҳолии кишвар, алалхусус, хизматчиёни ҳарбии ҷумҳурӣ дар шароити шадиди ҷанги шаҳрвандӣ метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани ҳисси таҳамулпазирии ҷавонон ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ истифода гардад.

Дар ҳалли масъалаи тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии хонандагон дар заминаи дониши ҳаматарафа марбут ба таърихи таъсис ва ташаккули ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, дар бораи уҳдадорӣ ва хизмати ҳарбӣ зарурат дорад ва дар амалӣ гардидани он ҷустуҷӯи шаклҳои ҷадиди таълиму тарбияи ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ба мақсад мувофиқ аст ва ба ин тариқ таълиму тарбияи фавқро мустаҳкам менамояд.

Дар заминаи таҳқиқоти масоили марбут ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ омили асосии ҳифзи истиқлоли давлатӣ, пешгирии таҳдидҳои муосир, таъмини амният ва тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Натиҷаи таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти ба мавзуи мо марбут буда гувоҳи он аст, ки дар хусуси таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маълумоти муайян ба назар мерасад.

Гарчанде ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ зимни навиштани рисолаи илмӣ аз маҷмӯи адабиёти илмӣ ва мақолаҳои илмӣ истифода шуда бошанд ҳам, онҳо имкони инъикоси тамоми паҳлуҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро дар бар намегиранд. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи маҷмуи диссертатсияҳо ба дақиқсозии таҳқиқот ба миён омад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва осон гардонидани таҳлил адабиёти истифодагардида ба гурӯҳҳои зерин ҷудо гардид.

Гурӯҳи аввали манбаҳои истифодашударо асноди бойгонӣ ташкил медиҳад. Асноди истифодашуда аз бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатӣ хусусан асноди бойгонии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], [2], [3] [4], [5], [6] ҷузъи муҳими манбаъҳои боэътимод оид ба заминаҳои ташкилёбӣ ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳамкории ҳарбӣ–техникӣ, роҷеъ ба тайёр намудани кадрҳои афсарӣ, ҳамчунин, дар самти ҳамкориҳои ҳарбиро дар бар мегиранд, ки маводи арзишманд мебошанд, ки асноди бойгонӣ далелҳои воқеии марҳилаҳои бунёд, ташаккул ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд ва онҳо барои муҳаққиқон, таърихшиносон ва коршиносони ҳарбӣ ҳамчун манбаи асосии иттилоотӣ барои таълифи рисолаю монография ва васоитҳои таълимӣ хизмат

мекунанд. Бар зами ин асноди бойгонӣ арзиши илмии волоеро доро мебошад, ки дар нигоҳ дошти хотираи таърихии рисолати тайнамудаи Қуввахои Мусаллаҳ, қаҳрамониҳо ва саҳми хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳимояи марзу буми Ватан мусоидат мекунанд.

Ба **гурӯҳи дуюми адабиётҳо** осори Пешвои миллат ва паёмҳои ҳарсола, суханрониҳо бахшида ба ҷашни Артиши миллӣ, таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [7, с.723; 8, с.704; 9, с.512; 10, с.512; 11, с.704; 12, с.480; 13, с.436; 14, с.723] дохил мегарданд, ки дар онҳо вобаста ба нақши Қуввахои Мусаллаҳ дар барқарории ҳокимияти конститутсионӣ, чорахои амниятӣ, нақша–чорабиниҳо барои амалӣ намудани дурнамои тақвияти Артиши миллӣ таъкид шудаанд.

Гурӯҳи сеюми манбаҳоро санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ доир ба сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад, ки ҳамчун заминаи рушди соҳаи ҳарбӣ баррасӣ гардидааст. Аз ин рӯ, дар раванди таҳқиқот аз тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба соҳаи ҳарбӣ, ки онҳо дар рушду инкишофи сиёсати ҳарбии Тоҷикистон мусоидат менамоянд, истифода шудаанд. Аз ҷумла, истифодаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (тағйиру иловаҳо дар натиҷаи раъйпурсӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016) [15], Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [16], Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон [17], Дар бораи таъсиси ҷузъу томҳои муввақатии Қуввахои Мусаллаҳи доимамалкунанда ва дигар қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Воҳидҳои мусаллаҳи ҳарбии иттиҳоди мухолифини тоҷик [18], «Дар бораи Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [26], «Дар бораи мудофиа» [25], «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» [22], «Дар бораи мақомҳо, кафолатҳо, ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо» [27], «Дар бораи таъсиси ҷузъу томҳои муввақатии Қуввахои Мусаллаҳи доимамалкунанда ва дигар қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Воҳидҳои мусаллаҳи ҳарбии иттиҳоди мухолифини тоҷик» [20], «Қонун дар бораи маориф» [30], Эъломияи дар бораи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24 август 1990 [27] ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба ин соҳа таҳия гардида, аз ҷумлаи асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҳарбии кишвар маҳсуб меёбанд. Муаллиф ба таври воқеӣ омӯзиш ва истифодаи чунин санадҳои ҳуқуқиро амри зарурӣ меҳисобад.

Гурӯҳи чорумро асарҳои муаррихони русу тоҷик ташкил медиҳанд, ки ба қалами Бушков В.Н., Микулский В.Д. [52, с.315], Назаршоев Н.М. [62,

с.685], Шарифзода А, Заробиддин Қ., Маҳмадализода Ф. [50, с.348], Сафар Маҳмуд [67, с.209] тааллуқ доранд.

Асари муҳақиқони рус Бушков В.Н. ва Микулский В.Д. роҷеъ ба оқибати фурӯпошии ИҶШС, инъикоси ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, вазъи этникӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва ҳизбӣ, мусоҳибаи чеҳраҳои маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии тоҷик дар ВАО бахшида шудааст.

Асари муаллифони дигари рус Руденко А. ва Сорока А. аз маҷмуи мақолаҳои марбут ба инъикоси ҳаводиси сиёсӣ–ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Муаллифон дар китоб сабабу оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастаро таҳлил намудаанд. Қобили зикр аст, ки адабиёти мазкур доири гузашти аввалин паради низомии 23–юми феврали соли 1993 манбаи муътамади таърихӣ маҳсуб меёбад.

Мазмун ва моҳияти асарҳои олимони тоҷик Назаршоев Н.М., Сафар Маҳмуд, Шарифзода А., Заробиддин Қ., Маҳмадализода Ф. доир ба заминаҳои барпошавӣ ва марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар бахшу воҳидҳои ҷабҳаи халқӣ аҳаммияти калони илмӣ доранд. Ин асарҳо барқарорнамоӣ ва ташаккули ҳокимияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳро дар зарфи 30 соли истиқлол дар бар мегиранд.

Гурӯҳи панҷумро рисолаҳои илмии олимони тоҷик ташкил медиҳад. Аз ҷумла, рисолаи илмии Мирзоев Ҷ.А. [64, с.200], ки дар шакли монография низ нашр гардида аст фарогири матлаби асосии таҳлили таърихнигории адабиёти илмӣ буда, масоили мубрами таърихи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амсоли марҳилаҳо ва раванди ба даст овардани истиқлолият, оғози сар задани ҳаводису воқеаҳои солҳои 90 – ум, нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар бунёди давлати навини Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Давраи соҳибистиқлолӣ барои кишвари мо намунаи нави давлатсозӣ ба шумор меравад, ки дар он нақши Артиши миллӣ ба сифати қувваи муътамад ҷойгоҳи хоси худро дорад. Дар рисолаи Нурзода М.Ҷ. [44, с.200] доираи васеи ҳамкориҳои низомӣ–амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар доираи омӯзиши дурнамои вазъи амниятии минтақа ба раванд ва рушди ҳамкориҳои мутақобила бо Федератсияи Россия дар шароити муосир диққати махсус дода шудааст.

Меъроҷиддини Н. [42, с.180] ва Амиров Т.Ш. [39, с.170] самтҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Федератсияи Россия дар чаҳорчӯбаи сохтори минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, Федератсияи

Россияро ҳамчун аввалин кишваре, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарики муҳимми ҳарбӣ–сиёсӣ ба ҳисоб меравад, таъкид намудаанд.

Диссертатсияи Мусоев Ш.М. [43, с.169] сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки он ҳамчун бахши мудофиавии кишвар ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ равона гардидааст.

Ба гурӯҳи шашум мақолаҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-публитсистии олимони тоҷику рус шомил мебошанд, ки оид ба масъалаҳои умумии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ–ро дар бар гирифта, дар онҳо масъалаи тақвияти гузаронидани машқҳои тактикӣ ва омилҳои мусбати онро дар касбияти хизматчиёни ҳарбӣ таҳлил шудаанд.

Олимони дигари тоҷик Абдурашитов Ф. [72, с.138], Азизмадова З. [32, с.2], Шарифзода А. [80, с.35–42], марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ баррасӣ намудаанд. Ҳамчунин, дар мақолаҳои онҳо ба масъалаи усулҳои муборизаҳои мусаллаҳона дар шароити муосир, аз ҷумла муборизаҳои иттилоотӣ–равонӣ низ зикр гардидааст.

Халқи тоҷик дар роҳи бунёди Қувваҳои Мусаллаҳи худ бо душвориҳо, печидагиҳо ва талафоти зиёд рӯ ба рӯ шуд. Бинобар ин, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи якпорчагии сарзамин нақши боризро ифо хоҳад кард.

Мақолаҳои дар кори илмӣ истифодашуда оид ба тағйирёбии характери умумии зиддияти ҳарбӣ, самаранокии воситаи муборизаҳои мусаллаҳонаро дар низоъҳо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зарурати баланд бардоштани маҳорату малакаи ҷангии ҳайати шахсиро аввалияти тақвияти артиш арзёбӣ кардааст.

Мақолаи Бондуровский В.В [74, с.13] ба баррасии масъалаи таҳдидҳои асосии амниятӣ дар минтақаи Авруосиё, фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, паҳншавӣ ва интиқоли маводи мухаддир, рушди таъсири гурӯҳҳои нашъаҷалоб, гардиши ғайриқонунии силоҳ, моддаҳои тарканда, мавҷудияти нишонаҳои низоъҳои ҳарбӣ дар назди сарҳад, паҳншавии таъсири гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ва тақвияти мавқеи ифротгароии динӣ равона гаштаанд.

Старчак М. [79, с.20–27] оид ба талошҳои ИМА алайҳи Федератсияи Россия дар фазои ҳамкориҳои ҳарбӣ–сиёсӣ бо Тоҷикистон ва афзалияти ҳарду давлати бузургро дар минтақа таҳқиқ намудааст. Бинобар ин, омӯзиши таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи омӯзиши таърихи муосири Тоҷикистон маҳсуб ёфта, нақши он дар барқарор намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳлили

назариявӣ ва илмӣ–амалӣ зарурат доранд, дар диссертатсия мазкур ҳадафи таҳқиқ қарор дода шуданд.

Дар баробари мақолаҳои илмии истифодашуда, инчунин маводи матбуоти даврӣ–рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» [34], [36], [37] «Ватанпарвар» [32] ва сомонаҳои электронии Вазорату кумитаҳои давлатӣ доир ба марҳилаҳои ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ дар даврони истиқлол ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи ҳафтуми маводи истифодашударо оморҳои Пажуҳишгоҳи байналмилалии SIPRI (Stockholm International Peace Research Institute) [91] ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар соҳаи омӯзиши муноқишаҳо, силоҳ, назорати аслиҳа ва хароҷоти низомӣ мақоми хоса дорад. Ҳарчанд ин пажӯҳишгоҳ мустақиман ба бойгониҳои дохилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намекунад, аммо саҳми он дар таҳқиқи динамикаи рушд ва иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи байналмилалӣ хеле назаррас аст.

Агар асноди бойгонии вазорату кумитаҳои давлатӣ ҳамчун манбаи расмӣ ва ҳуҷҷатгузоришудаи ватанӣ барои омӯзиши таърихи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёбанд, пас пажӯҳишгоҳи SIPRI ҳамчун манбаи омории байналмилалӣ амал мекунанд. Манбаҳои пешниҳоднамудаи ин сохтори иттилоотӣ ба муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки равандҳои рушди иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дидгоҳи таҳлилҳои глобалӣ ва объективии рақамӣ омӯзанд. Global Firepower ва World Global Powers Ranked by Potential Military Strength [93] ташкил медиҳанд.

Нишондодҳои рейтинги барои муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳои ҷаҳон муқоиса карда шавад. Инчунин, он нишон медиҳад, ки омилҳои ҷуғрофӣ (надоштани баромад ба баҳр, будани маҳалҳои кӯҳӣ) чӣ гуна ба иқтидори низомии кишвар таъсир мерасонанд. Ҳисоботҳои омории Global Firepower бештар хусусияти оморӣ-медиавӣ ва рақамӣ доранд ва барои муҳаққиқони соҳаи ҳарбӣ ва сиёсатшиносон ҳамчун воситаи муқоисавӣ муфиданд. Онҳо манзараи умумии таҳаввулоти таъминоти техникии Қувваҳои Мусаллаҳи на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон балки тамоми кишварҳои дунёро бо таври намоён инъикос мекунанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2020-2026, дар самти «Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони истиқлолият», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва «Барномаи давлатӣ оид ба тарбияи

ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва тақвияти ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти илмӣ омӯзиши ҳамаҷониба ва объективии марҳилаҳои асосии таърихи таъсис ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол (1991–2021), арзёбии нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёд, мустаҳкамсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ дар шароити мураккаби сиёсӣ, таҳлили иҷрои рисолати таърихии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар шароити мураккаби солҳои аввали таъсиси давлатдории миллӣ ба шумор рафта, доир ба омӯзиши минбаъдаи мавзуъ ва баланд бардоштани тарбияи ватандӯстии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ бо истифода аз таҳқиқоти анҷомдодашуда, пешниҳоду тавсияҳо таҳия карда шавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои ташаккулёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нишон додани нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ;
- омӯзиши зарурати ташкил намудани ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва таъминоти кадрии онҳо;
- ошкор ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки ташаккули шуури ватандӯстии муҳассилини МТМУ ва олии касбӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- инъикоси дастоварду комёбиҳо ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021) ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Хусусиятҳои таърихи ташкилёби ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият мебошад, ки дар қиёс ба дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ дар самти ташаккулёбӣ дорои хусусиятҳои хос аст.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст, ки ду марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи якум–солҳои 2020–2021–ро дар бар гирифта, он аз унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), интихоб намудани мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварии маводи илмӣ роҷеъ ба таҳқиқот, таълифи мундариҷаи мавзуъ, нашри мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳо ва мақолаҳои тақризшаванда дар маҷаллаҳои илмии КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Марҳилаи дуюм–солҳои 2022–2024–ро дар бар мегирад, ки дар ин марҳила таҳқиқи рисола ба анҷом расонида шуда, ҳамчунин, имтиҳоноти номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи Тайёр кардани кадрҳои илмӣ–педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ супорида, диссертатсия расман ба ҳимоя пешниҳод гардид.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро ҷанбаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, корҳои илмӣ -таҳқиқотии таърихи ҳарбии халқи тоҷик дар даврони истиқлол, осори илмии бунёдии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муқаррарот доир ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки рисолаи мазкур марбут ба таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва навгонии таҳқиқот ба таври мушаххас дар нуқтаҳои зер баён шудаанд:

- масоили марбут ба заминаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои ташкилёбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи диссертатсия ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;
- дар таҳқиқот ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолаю монографияҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;
- нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун асосгузори Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст;
- дар диссертатсия зарурати ташкил намудани навъҳои нави Қуввaҳои Мусаллаҳ ва рисолати таърихии онҳо дар ҳифзи истиқлол омӯхта шуд;
- муаллиф бори нахуст дар диссертатсия афкору назари таърихшиносону сиёсатшиносон ва дигар олимонро дар ҷодаи таърихии ташаккули Артиши миллии Тоҷикистон таҳлил намуда, марбут ба ақидаҳои тарбиявии онҳо мақола, дастуру тавсияҳо ва ақидаҳои муаррихону сиёсатшиносонро вобаста ба масъалаи фавқ, ки барои хизматчиёни ҳарбӣ ва муҳассилини МТМУ ва муассисаҳои олии

касбӣ ҷиҳати муҳаббати хоса доштан ба Артиши миллӣ, инчунин, ба боло гирифтани донишу ҷаҳони сиёсии он мувофиқат мекунад, баррасӣ намудааст;

- дар асоси таҳқиқи мукаммал марбут ба рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сифр то артиши муқтадир хулоса ва тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Пажуҳиши мавзуи мазкур муайян намуд, ки ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мураккаби геополитикӣ, буҳрони сиёсӣ ва рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои солҳои 90–уми асри XX бар хилофи дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ на дар натиҷаи тақсими мероси ҳарбӣ, балки бе пойгоҳи моддию техникии мутамарказ бо такя ба хусусиятҳои хоси ватандӯстӣ ва иродаи сиёсии халқ ташкил ёфт, ки омили ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлати навтаъсиси Тоҷикистон маҳсуб меёфт, ҳамчунин фаъолияти амиқи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ низ ба ба ҳисоб мерафт.

2. Собит гардид, ки иродаи сиёсӣ, қатъият ва ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи ниҳоят ҳассоси таърихӣ заминаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва амалии таъсиси расмии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун пояи асосии сохти конститутсионӣ фароҳам овард. Саҳми беназири Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити мавҷуд набудани пойгоҳи мутамаркази ҳарбӣ, инфрасохтор ва захираҳои молиявӣ, ки тавассути таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, тавофуқномаҳои байнидавлатӣ ва сафарбарсозии захираҳои дохилӣ тавонист аввалин ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳро созмон дода, уҳдадории бузурги таърихии таъмини сулҳу суботро ба анҷом расонида, Қувваҳои Мусаллаҳро ба сипари боэътимод давлат табдил дод.

3. Таҳқиқ муайян намуд, ки вазъи сиёсию ҳарбӣ ва таъмини якпорчагии марзу буми кишвар тақозо менамуд, ки сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, он ба се навъи қӯшун табдил дода шуда, ба талаботи муосири амниятӣ ва таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва минтақавӣ ҷавобгӯ бошад. Бинобар ин дар марҳилаи дуюми ташаккули Қувваҳои Мусалаҳ имкон фароҳам омад, ки сохтори ин ниҳоди давлатӣ такмил ёфта, дар таҳаввулоти дохилӣ, тағйирёбии хусусияти таҳдидҳои амниятӣ ва рафъи онҳо нақши ҳалкунанда ифо намоянд. Ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ рисолати таърихии худро дар ҳифзи сохтори конститутсионӣ, рафъи ҳолати фавқулодаи муноқишаи дохилӣ ва дахолати хориҷии қуввахои ифротгарои берунӣ ҳамчун сипари мудофиавӣ ва омили

асосии боздоранда ва таъминкунандаи сулҳу ваҳдати миллӣ ва кафили ҳифзи тамомияти арзии давлати навтаъсиси Тоҷикистон иҷро намуданд.

4. Исбот гардид, ки вазъи сиёсию ҳарбии ҷаҳони муосир ва шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳо тақозо менамояд, ки қобилияти ҷангии Артиши миллӣ муҳим арзёбӣ гардад, зеро таъмини сулҳу субот ва рифоҳи миллӣ ба мавҷудияти неруи бо иқтидорманди ҳар як давлат вобастагии зич дорад. Ҷиҳати тақвияти Артиши миллӣ андешидани чораҳои комплексӣ зарур мебошад, ки муҳимтарини онҳо баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ дар заминаи афзоиши муассисаҳои ҳарбӣ ва барномаҳои таълимӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта, усулҳои инноватсионии истифодаи низоми ҳавопаймои бесарнишин, назорати электронӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳампаймон, иштирок дар машқҳои байналмилалӣ муҳим мебошанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Муқаррарот ва хулосаҳое, ки дар натиҷаи омӯзиши мавзуи мазкур ба даст омадаанд, заминаи илмии таҳқиқи минбаъдаи таърихи ташаккули артиш шуда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар навиштани фаслҳои алоҳидаи таърихи халки тоҷик, хондани лексияҳо дар мактабҳои олӣ, тартиб додани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии муқаррароти асосии таҳқиқот, аз ҷумла, санҷиши илмию амалии таҳлили сарчашма ва адабиёти таърихӣ тасдиқ гардидааст.

Хулосаҳои баровардашуда ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асосан тибқи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ ва 6.1.1–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ, хусусан фонди 3–и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 297–и Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, адабиёти илмӣ доир ба 30 соли таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллаҳ, инчунин борҳо суҳбату мулоқот анҷом додан бо коршиносон ва собиқадорони соҳа, роҷеъ ба ҳолати воқеӣ ва таърихи Артиши миллиро дарк ва ҳамаҷониба мавриди

таҳқиқ қарор додан ва дар заминаи омӯзиш бори нахуст роҳҳои тақвият ва дурнамои рушди Қуввахои Мусаллаҳро бозгӯ кардааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи №9, аз 28 апрели соли 2026) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои «Нақши истиқлолият дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон» бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, «Марҳилаҳои таърихии ташаккули Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22–юми феврали соли 2023 дар ш. Душанбе ва дигар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ баррасӣ шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар як китоби дарсӣ бо Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №16/20 аз 30-юми октябри 2025, ду васоити таълимӣ, 5 мақолаи илмии дар маҷалаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 3 мақолаи илмие, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт (220 номгӯ) иборат буда, дар ҳаҷми 186 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи тақиқот асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи илмии масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, марҳилаҳои таҳқиқот, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешниҳод гардидааст.

Боби якуми рисола **«Истиқлолияти давлатӣ ва шароити таърихии таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2000)»** номгузорӣ шудааст ва ду зербобро фарогир буда, ба таҳлили иҷтимоӣ–таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ, асосан, оид ба моҳият ва ҷойгоҳи Артиши миллӣ, зарурат ва заминаҳои ташкили он маълумот додааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаъҳои назариявию эмпирикӣ паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур таҳқиқ гардидаанд.

Дар зербоби якуми боби мазкур–**«Заминаҳои таърихии ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон (1991–1992)»** ном гирифта, тавсифи масоили марбут ба мавзуи мазкурро дар бар мегирад. Муаллиф замина ва марҳилаҳои ташаккулёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи истиқлолият мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун унсури муҳим ва асосии давлатҳо аз давраҳои қадим вуҷуд дорад. Муҳақиқон бар он назаранд, ки пайдоиши дастаҳои мусаллаҳ ба таърихи ҷомеаи ибтидоӣ рафта мерасад[70, 185].

9–уми сентябри соли 1991 дар арафаи пош хӯрдани давлати абарқудрати шуравӣ дар таърихи фаъолияти байналхалқии Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз гардид [68, с.14]. Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо зарурати ташкили қувваҳои мусаллаҳи худ рӯ ба рӯ гардид. Дар ин замина Қувваҳои Мусаллаҳ натанҳо вазифаи муҳофизати марзу буми кишварро ба дӯш гирифт, балки ба яке аз омилҳои калидии ташаккули давлатдории миллӣ табдил ёфт. Мувофиқи эъломияи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ эътироф гардид [28].

Бояд қайд намуд, ки «дар баробари дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба ислоҳоту азнавсозии сохтори қудратӣ оғоз намуд, ки тули таърихи 70 сол ба ИҶШС тааллуқ дошт. Дар давраи оғози истиқлолият набудани ин сохторҳо, ба монанди Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз омилҳои доман паҳн кардани ҷанги шаҳрвандӣ гардид» [62, с.359].

Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатӣ муайян кард, ки Тоҷикистон ба мақсади ҳифз намудани истиқлол ва якпорчагии сарзамини худ ҳуқуқи барпо намудани Қувваҳои Мусаллаҳ худро дорад» [28].

Маъмулан артиш яке аз унсурҳои асосии давлат ва кафили мавҷудияти он ба шумор меравад. Бунёди артиши муқтадир эҳтимолан имкони пешгирии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ғорати моликияти давлатӣ ва заминаи рушди кишварро дар шароити соҳибистиқлолӣ таъмин менамуд.

Як ҷузъи марказӣ ва асосии давлату давлатдорӣ худогоҳию хештаншиносӣ, анъана ва мафҳумҳои намояндагони миллат, хосатан, мавҷудияту пойдории артиши миллии он мебошад ва ин имконият фароҳам меоварад, ки ҳар як давлат тавассути артиши миллии хеш амнияти халқу кишварашро таъмин намояд. Бешак, Артиши миллӣ қодир аст, ки халқу кишвари хешро аз ҳуҷумҳои ғаразноки хориҷиён, нобудшавии миллат ҳимоя намояд ва маҷрои ороми зиндагии ватани хешро таъмин намояд. Маҳз Артиши миллии кишвар аст, ки кишвари соҳибистиқлоли мо дар фазои оромию осудагӣ умр ба сар бурда истодаанд [35, с.1].

Нахустин кӯшиш дар заминаи Эъломияи истиқлоли давлатӣ ҷиҳати ташкили Қуввахои Мусаллахи Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24–уми декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ» буд, ки тибқи он идораи мушовири давлатӣ оид ба масъалаҳои мудофиа, амнияти миллӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ таъсис гардид. Дар оғози моҳи майи 1992 бо ташаббуси Раҳмон Набиев Горди миллӣ ташкил ёфта, аввалин гашти низомии худро дар майдони «Озодӣ» баргузор намуд. Аммо тарафдорони майдони «Шаҳидон» ин вазъиятро дида, дар ҳол ба мусаллаҳшавии бошитоб рӯ оварданд [63, с.167]. 7–уми май ҳамон сол Раҳмон Набиев маҷбур гардид, ки дар бораи ба эътидол овардани вазъият қарор қабул намояд. Ӯ протоколеро ба имзо расонид, ки дар он бо ташкили ҳукумати коалитсионӣ ва ба истеъфо рафтани як зумра аз мансабдорони давлатӣ, ки аз ҷумла раиси Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ Ниёзов Ф. ҳам дар он шомил гардида, Кумитаи амнияти миллӣ ва Кумитаи мудофиаи ҷумҳурӣ ба тобеияти Кабинети вазирон гузаронида шуд [69, с.22].

Марҳилаи аввали «заминагузорӣ ва таъсиси Қуввахои Мусаллаҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мувофиқи Фармони Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29–уми сентябри соли 1992 № УП-198 ва Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3–юми ноябри соли 1992 № 404 бо супориши Кумитаи дифоъ дар пойгоҳи Техникуми геологӣ, Коллеҷи Олии ҳарбии Фармондеҳию Муҳандисӣ ташкил карда шуд» [61, с.465]

Тақсими мероси низомии Шуравӣ дар соли 1992 Тоҷикистонро дар яке аз ҳассостарин марҳилаҳои таърихиаш бесилоҳ, бедифоъ ва бе Артиши миллии мутамарказ гузошт. Ин омили асосие шуд, ки кишвар натавонист пеши роҳи ҷанги бародаркушро бигирад. Хатари фалокатбори ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтан Тоҷикистон як амри воқеи мегардид [55, с.21]. Наҷоти миллат–омили асосие, буд, ки боиси ташкилёбии отрядҳо шуд.

Отряди «Муҳофизони Ватан» яке аз аввалин гурӯҳ маҳсуб меёфт, ки ба таъмини суботи ҷомеа саҳми намоёни худро гузошт. Ин отряд бо қарори Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб таҳти №114, аз 29 – уми майи соли 1992 аз ҳисоби ҷанговарони башардӯст ташкил ёфта буд, ки командири отрядро Мирзоев Ҳикматулло ва Сардори ситоди гурӯҳро Саидшарипов Аҳтамшо ба уҳда доштанд. Отряд барои ҳифзу нигоҳдории иншоотҳои ҳаётан муҳими давлатӣ, барқарории сохтори конститутсионӣ ва мубориза бар зидди дастаҳои зиддиҳукуматӣ таъсис ёфт. Дар отряд зиёда аз 300 нафар собиқадорони ҷанги Афғонистон ва собиқадорони сохторҳои қудратӣ шомил буданд [83]. Дарвоқеъ, гурӯҳи ҷанговарони башардӯст замоне даст ба кор шуданд, ки гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар ҳоли шакл гирифтану ба хатари умумиминтақавӣ табдил шудан буданд.

Моҳи июни соли 1992 барои вилояти Кӯлоб зарурати ташкил намудани Горди миллии худ пеш омад. Ҷавонмардони ҷасуру қавиирода ба ташкил ва ҷобаҷогузории дастаҳои Горди миллӣ, муҳофизат намудани мардуми бесилоҳ ва ташкили фаъолияти Горди миллӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят корҳои судбахшро ба сомон расониданд [57, с.293]. 29–уми майи соли 1992 бо ёрии раиси Кумитаи иҷроияи вилоят Мирзоалиев Қурбон ва ҷонишини ӯ Рустамова Қиматгул таҳти №114 дар биноҳои Омӯзишгоҳи касбӣ–техникии №32–и вилояти Кӯлоб Горди миллии вилояти Кӯлоб ташкил ёфта, командири Горди миллиро ҷонишини раиси кумитаи иттифоқҳои касабаи вилоят–Салимов Саид ва сардории ситоди онро ҷавонмарди ҷасур Лангариев Лангарӣ ба уҳда доштанд [70, с.295]. Дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб ситоди горди наҷотбахш ташкил ёфта, аз ҷониби комиҷроияҳои ноҳиявӣ дастгирӣ меёфтанд.

Эҳсосу идроки бузурги ватанхоҳӣ, ифтихору ғурури миллӣ, манфиатҳои Ватанро аз манфиатҳои шахсии худ боло гузошта, заррае наҳаросида муборизаи худро идома дода, сулҳу осоиштагиро дар сарзамини Тоҷикистон таъмин намуданд. Чунки тақдири мардуми тоҷик дар сангарҳо ҳал мешуд.

Ҳанӯз 8–уми сентябри соли 1992 дар шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнии вилояти Суғд ҷаласаи кумитаи ташкилии Ҷабҳаи халқӣ гузаронида шуда, мақсаду мароми Ҷабҳаи халқӣ муайян гардид. Аммо бо сабаби вазъи номуносиб вакилон аз вилояти Қурғонтеппа ва водии Вахш дар кори кумитаи Ҷабҳаи халқӣ ширкат варзида натавонистанд, агарчӣ Сафаров Сангак, Лангариев Лангарӣ, Саидов Файзалӣ ва Рустами Абдураҳим хабардор карда шуда буданд.

Тибқи қарори ҷаласаи кумита бояд ду ҷабҳа ташкил мегардид:

Ҷабҳаи якум: «шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб, Ленин, Кофарниҳон, Файзобод иборат буд, ки қумондони ин ҷабҳаро Амирқул Азимов ва сардори ситоди ҷабҳаро Муродов Давлат таъин гардид, роҳбарӣ мекарданд.

Ҷабҳаи дуюм: ноҳияҳои Ғозималик, Ҷиликӯл, Қубодиён ва Шаҳритӯс дар бар гирифта қумондонии онро Шукуров Тағойхон, ба уҳда дошт ва маркази фармондеҳии ҷабҳаи №2–шаҳри Қизил–Қалъа интихоб гардид» [60, с.187].

Ҳамин тариқ, аз шаҳри Турсунзода то шаҳри Қӯрғонтеппа зиёда аз 10 дидбонгоҳҳои 1 ва 2–и Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон истеҳком гирифта буданд, аз онҳо танҳо ба рухсатномаи махсуси роҳбарони Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон муяссар мегардид. Ин воситае буд, ки алоқаи дастаҳои мусаллаҳи мухолифин канда шуда, заифу нотавон гардида, андешаи курдилона ва аъзои фитнаангезашон ба боди фанно мерафт [60, с.281].

Аз 16–уми ноябр то 2–юми декабри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ яке аз муҳимтарин санадҳо дар таърихи навини халқи тоҷик қарор «Дар бораи таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ давлатдории мардуми тоҷикро аз фурӯпошӣ наҷот дода, имкони барқарор кардани сохтори конститутсиониро замина гузошт [58, с.36].

Зербоби дуюми боби якум ба масъалаи «**Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкили Қуввахои Мусаллаҳ**» ном гирифта, роҷеъ ба натиҷаҳои мусбати қабули аввалин қарору қонунҳо дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши таърихии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташкил додани Қуввахои Мусаллаҳро дар бар мегирад.

Пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд роҳбарияти нави кишвар вазифадор буд, ки баҳри таъмини амнияти давлат иқдом намояд. Аммо вазъияти сиёсии номуътадил имкон намедод, ки ин раванд дар муҳлати таъйиншуда ба итмом расонида шавад. Дар ин давра бригадаи тайиноти махсус, аз ҷумла дар ҳайати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ташкил ёфт. Мақсади ташкили бригадаи таъйиноти махсус барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва мустаҳкам намудани марзу буми кишвар иборат буд, ки вазъияти душвор ҳанӯз идома дошт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бешак масъулияти он рӯзу фардои миллатро ба зимма гирифта, худро дар қатори пешвоёни бузурги таърихӣ ҷой дод. Эмомалӣ Раҳмон бо изни Худованд ва дуои мардуми тоҷик дар лаҳзаи ҳассос ба сари қудрат омада, оғози сулҳу ваҳдат, ҳифзи истиқлолияту давлатдорӣ ва касби рифоҳу амнияти мардум гардид. Қобили зикр аст, ки таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад.

18–уми декабри соли 1992 мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дар бораи таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид [68, с.5]. Ин санади таърихӣ ба «**марҳилаи аввали** таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Омӯзиши ин фармон, заминаҳои таърихии қабули он ва нақши он дар ҳифзи сохти конститутсионӣ мубрамияти хоси илмию амалӣ дорад. Чуноне, ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки Қуввахои Мусаллаҳи мо дар вазъияти хеле мураккабу ҳассоси сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, дар ҷойи холӣ ва бе ягон заминаи аввалияи моддиву техникӣ таъсис дода шуданд» [13, с.73].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар зимоми давлатдорӣ ба ганҷинаи ғании таҷрибаи давлатдории ниёгони сарбаланду бомаърифати хеш такя намуда, ба ҳалли масоиле оғоз намуд, ки тақозои рӯз буданд. Барқарор намудани низоми нмуккамали давлатдории тоҷикон яке аз дастовардҳои бунёдии Эмомалӣ Раҳмон, балки яке аз хидматҳои муҳимтарини ӯ барои давлату миллати тоҷик мебошад. Маҳз имзои қарор дар бораи таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли дурнамои масоили ҳифзи соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудудӣ, сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хотима додан ба муноқишаҳои мусаллаҳона маҳсуб меёфт.

Таҳлили масоили марбут ба мавзуъ нишон медиҳад, ки Фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 як ҳуҷҷати дорои аҳамияти бузурги таърихӣ ва стратегӣ мебошад. Ин фармон натанҳо заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллиро гузошт, балки нишон дод, ки давлати ҷавони Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ омода буд, ки манфиатҳои миллии худро ҳимоя кунад. Зимни ин фармон Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Ҷабҳаи халқии Тоҷикистон ва гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки ҳукумати конститутсиониро тарафдорӣ менамуданд, ташаккул ёфт. Барои ҳалли қазияи мазкур мебоист тадбирҳои фаврӣ андешида мешуд. Дар ин давра иҷрокунандаи вазифаи Вазири мудофиаи ҷумҳуриро полковник (баъдан генерал–майор) Қараев А. ба уҳда дошт [2]. Дар тобеияти он қисмҳои ҳарбии дар мамлакат ҷойгиршуда, комиссариатҳои ҳарбӣ, ситоду идораҳо ва гурӯҳҳои ташкилкардашудаи шаҳрвандӣ, кафедраҳои ҳарбии Донишгоҳҳо, мақомоти ҳарбӣ–ҳуқуқӣ, қисмҳои таъминот ва хизматрасонӣ дохил мешуданд. Баъди чанде тибқи фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (18–уми январи соли 1993) Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (полковник) Шишляников В.А. таъин гардид, ки таъсису ташаккул ба матраҳу мураттаб сохтани нахустин раёсатҳо, ҷузъу томҳои ҳарбӣ шуруъ кард [68, с.12].

Бо таъсиси Артиши миллӣ, пурзур кардани дифои сарҳади давлатӣ низ яке аз вазифаҳои дар мадди аввал гузоштаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёфт. Набудани назорати сарҳади давлатӣ барои гурӯҳҳои ҷиноӣ шароит фароҳам менамуд, ки бо тамоми муҳимоти ҷангӣ ва тахрибкорӣ бемамониат мусаллаҳ шаванд. Бо мақсади муҳофизати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии амали бадхоҳонаи гурӯҳҳои мухталиф ба муқобили сохти консти–тутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки Раёсат оид ба муҳофизати сарҳади давлатии Кумитаи давлатии амнияти

миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шумораи 79 нафар ташкил карда шавад [38, с.2].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллаҳ муҳтарам Эмамалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти зиёд ва имконияти ниҳоят маҳдуди иқтисодиву молиявӣ аз рӯзҳои аввали таъсиси Қуввахои Мусаллаҳ ба бунёди инфрасохтори низомӣ, таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда ва таъмини онҳо бо техникаву таҷҳизот ва пурра намудани онҳо ба ҳайати шахсӣ эътибори ҷиддӣ медоданд.

Дар марҳилаи аввал ҳадафи таъсиси Артиши миллӣ ташаккули неруи ҳарбие буд, ки ба ҳифзи музаффарияти истиқлолият қодир бошад ва амнияти кишварро таъмин намояд. Вобаста ба таъйиноти мазкур гурӯҳҳои муташаккилу зудамал ташкил карда шуданд, ки вазифаи асосиашон ҳифзи сохти конститутсионӣ ва муқовимат бо қуввахои зиддиҳукуматӣ буд.

Дар марҳилаи дуюми ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне 2-юми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири мудофиаи Федератсияи Россия Грачёв П.С. мулоқот намуда, масоили марбут ба ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳарбӣ, ҳарбию техникии Тоҷикистону Россияро баррасӣ намуданд. Баъд аз анҷоми мулоқот 4-уми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамроҳии Вазири мудофиаи Федератсияи Россия аз қисми низомии дивизияи 201–ум дидан карданд, ҳамчунин Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармонро «Дар бораи Рӯзи ташкилёбии Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»–ро имзо намуд [1].

17–уми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи савганди низомӣ»–ро имзо кард [1], ки аҳаммияти он барои дар чаҳорчӯбаи қонуният гузоштани фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ва муайян намудани вазифа ва масъулияти онҳо дар ҷараёни хизмати ҳарбӣ бағоят бузург аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллаҳи Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ташкили Қуввахои Мусаллаҳ масоили марбут ба интизоми ҳарбии дохилии қӯшунҳо, иҷрои қатъии оинномаҳои танзимкунандаи ҳаёти ҳарбӣ, нигоҳдорӣ ва риояи қатъии муносибат бо яроқу аслиҳаи ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ ва дигар лавозимоту амволи махсус диққати мақомоти роҳбарии сохторҳои низомиро ҷалб намуда, иҷрои қатъии масалаҳои болозикрро талаб менамуданд.

Нарасидани низомиёни касбӣ дар ин давра эҳсос мешуд. Барои ҳалли қазияи мазкур мебоист тадбирҳои фаврӣ андешиданд, ки дар натиҷаи чунин тадбирҳо «22–юми феврали соли 1993 Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани рутбаи навбатии ҳарбии генерал–майор ба Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Шишлянников А.В. ва ба раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Зуҳуров Сайдамир додани рутбаи генерал–майор»–ро имзо намуд» [72, с.61].

Мутобиқи фармони Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 23–юми феврал Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида, бахшида ба он дар шароити мураккаби сиёсӣ ва бӯҳрони шадиди иқтисодӣ гузаронидани паради ҳарбӣ ба нақша гирифта шуд. Дар ин гузашти низомӣ 5 ҳазор нафар аз ҳайати шахсии ҷузъу томҳои гарнизони пойтахт–шаҳри Душанбе иштирок намуданд. Ҳамчунин, беш аз 20 маҷмуи мушакҳои мудофиаи зиддиҳавоии С-75 ва С-125, миқдори зиёди танку туп, авиатсияи ҷангӣ ва дигар техникаи ҳарбӣ иштирок намуданд [81, с.35].

Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва бо истифода аз ваколатҳои хеш дар як муддати кутоҳе дар роҳи танзими вазъи сиёсию ичтимоӣ иқдомҳои зиёде анҷом дод, ки муҳимтарин дар ин қатор фармонҳои Президенти мамлакат, аз таърихи 2–юми декабри соли 1994, №2 «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири минбаъд беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз таърихи 21–уми декабри соли 1994 мебошанд. Ин иқдомҳо ба дурнамои рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд [54, с.20].

Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар пайваста диққати махсус зоҳир намуда, дар суҳбату вохӯриҳои худ пайваста иброз медоранд, ки амнияти миллату давлат, ҳаёти осоиштаи ҷомеа ва пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодию ичтимоӣ аз устувории вазъи ҳарбӣ–сиёсӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун, пешгириву мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар вобаста аст.

Бо ичрои рисолати ватандӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ташаккул ёфта, ба ғайр аз се шакли қӯшун дар оянда боз ба ташкили воҳидҳои алоҳида имкон фароҳам омад.

Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бисёр бориз аст. Бо ба уҳда гирифтани

роҳбарии давлат дар яке аз даврaҳои фоҷиабортарини таърихи муосири Тоҷикистон, Сарвари давлат тавонист, ки дар шароити буҳрони шадиди сиёсӣ–низомӣ ва норасоии захираҳои моддӣ–техникӣ Қуввaҳои Мусаллаҳро аз сифр бунёд кунад.

Боби якуми таҳқиқотро ҷамбаст намуда, метавон хулоса намуд, ки омили ташкилёбӣ ва ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ шурави хусусиятҳои хоси худро доро мебошад, чунки ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «ҷойи холӣ» ва дар шароити буҳрони шадиди ҷанги шаҳрвандӣ анҷом ба вуқуъ пайваст.

Дар ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихӣ ва сарнавиштсоз аст. Маҳз ба шарофати сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки Артиши миллии худро ташкил намуда, соҳиби сипари боэътимод ва барои насли ҷавон–омили ташаккули ҳисси ватандӯстию худогоҳии миллӣ гардад.

Боби дуюми рисола «**Такмили сохтори Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолати таърихии онҳо дар замони истиқлолият (1993–2021)**» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Ин бахши таҳқиқот омӯзиши ташкили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ аз қабили, Қӯшунҳои хушкигард, Қуввaҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қуввaҳои зудамалро дар бар мегирад, ки ба афзоиши иқтидори Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷуҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, равона гардидааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола **«Ташкилёбии Қӯшунҳои хушкигард ва марҳилаҳои ташаккули он» -** сершумортарин навъи қӯшуни Қуввaҳои Мусаллаҳ диққат дода шудааст.

23–юми июни соли 1993 таҳти рақами № 269–13 дар ҳайати Қуввaҳои Мусаллаҳ яке аз сершумортарин навъи қӯшунҳо–Раёсати Қӯшунҳои хушкигард–«Шоҳсутуни Артиши миллӣ» бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар тобеияти бевоситаи Вазорати мудофиа ва Сарситоди Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар амал менамуд [7].

Дар оғози таъсиси ин навъи қӯшун аъзои он аз ҳисоби дастаҳои мусаллаҳи тарафдори ҳокимияти конститутсионӣ пурра карда мешуд. Таъмини ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард дар солҳои аввали таъсиси худ аз ҳисоби собиқ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳамаи онҳоро «Ҷабҳаи халқӣ» дар худ муттаҳид карда буд, ташкил ёфт.

Тамоми нерӯҳои алоқаманд ба ин навъи қӯшун аз ҷумла ҳайати шахсии ҷузъу томҳои пиёданизом, савораи тирандоз ва танкиву артилерӣ ба тадриҷ ба ҳайати Қӯшунҳои хушкигард шомил карда шуд. Қӯшунҳои хушкигард

масъулияти идора намудани дивизияҳо, полку бригадаҳо ва ротаву баталонҳои алоҳидаи низомии ин навъи қӯшунро бар уҳда дорад.

Минбаъд дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои зарурӣ «ба таҳкими иқтидори Қӯшунҳои хушкигард бо ташаббуси Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази таълимии Қӯшунҳои хушкигард таъсис дода шуд. Ин маркази таълимӣ ба ташаккул ва рушди Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ мусоидат намуд, ки он дар қисми ҳарбии 08010 ҷойгир мебошад ва 7–уми октябри соли 1993 ташкил ёфтааст. Ин қисми ҳарбӣ ҳар сол садҳо нафар мутахассисони хурдро тайёр намуда, ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ мефиристад. Ба ин маънӣ аз соли 1993 то 1–уми апрели соли 2012 ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ зиёда аз 50 000 ҳазор нафар мутахассисони хурд, 2000 нафар прапоршикон тайёр карда фиристода шудаанд. Командири нахустини бригада полковник Иаков таъин шуда буд. Ин қисми ҳарбӣ дар баробари тайёр кардани мутахассисони хурд дар амалиётҳои ҷангии дохилии кишвар низ иштирок карда буданд. Масалан, 110 нафар хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла 18 нафар афсарон, се нафар хизматчиёни ҳарбӣ ба тариқи қарордод хизматкунанда ва 86 нафар сержантону сарбозон баҳри пойдории сохти конститутсионӣ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ҷони худро нисор карданд» [61, с.231].

Дар баробари дастовардҳо дар ташкили қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои хушкигард мувофиқи Директиваи (дастури) Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 дар ҳайати ин навъи қӯшун Комендатураи ҳарбӣ ташкил карда шуд. Вазифаҳои аввалиндараҷаи комендатураи ҳарбӣ ташкил ва гузаронидани хизмати патрулон ва нозирони Бозрасии ҳарбии автомобилӣ, назорати хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳудуди гарнизон, фирориён, вайронкунандагони интизоми ҳарбӣ, бе иҷозатнома аз ҳудуди қисмҳои низомӣ баромадан мебошад [61, с.231].

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҷодаи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ «аз як тараф бо роҳи ташкил, пуррагардонӣ ва ҷобаҷогузории қисму воҳидҳои ҳарбӣ дар самти муҳими ҳарбӣ–стратегӣ, аз тарафи дигар бо роҳи муҳаё сохтани шароити мусоид барои сарбаландона иҷро намудани вазифаҳо дар ҳама ҳолатҳои фавқулодда таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд. Бинобар ин дар ҳудуди қисми ҳарбии 08030 Қӯшунҳои хушкигард воқеъ дар вилояти Суғд моҳи феврали соли 1995 Госпитали ҳарбии гарнизони Суғд бо иқтидори таҷҳизоти хизматии иборат аз 150 кат ва 183 хизматчӣ ташкил ёфт» [61, с.236].

Бояд ёдовар шуд, ки ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои ҷанги мудҳиши шаҳрвандӣ баҳри амали намудани уҳдадориҳои дар наздашон гузошташуда, бо истифода аз имконоти дар ихтиёрашон қарордошта, қисму воҳидҳои

зиёдеро ташкил дода, баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пойдории сулҳу субот субот бо қонисориҳои худ саҳми бузурге гузоштааст.

Қӯшунҳои хушкигард ҳангоми амалиётҳои ҷангӣ баҳри торумори дастаҳои мусаллаҳи хоинони Ватану миллат Худойбердиев М., Сангинов Р. дар минтақаи Хуҷанд (моҳи ноябри соли 1998) ноҳияҳои Кофарниҳону Ленин намунаи олии фидокорию мардонагӣ, далерию шуҷоат нишон доданд. Талошҳои суботкоронаи онҳо буд, ки ҳангоми разм дар дили душманон ларза фиканд ва онҳо мағлуб гаштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки вазъи ҳасоси киишвар ва шинохти умқи фоҷеадаст ба озмуни бузурге зад. Озмуни хатми ҷанг, истиқрори сулҳ, таъмини оштӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ. Яке аз марҳилаҳои аҳамиятноки ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ ин давраи интиқол, халъи силоҳ, ба ҳисобгирии размандагони собиқ ИНОТ, ҷойгиркунии онҳо, савганди ҳарбӣ ёд кардани собиқ мухолифин, гузаштани комиссияи тиббӣ, аттестатсия ва ба ҳайати Вазоратҳои қудратӣ гузаронидани онҳо дар чор давра ҳал карда шуд. Дар натиҷа зида аз 6240 нафар размандагони ИНОТ яроқҳои гуногуни оташфишон 2075 адад, БТР–3 адад, БМП–1 адад, Танк–5 адад, ва дигар лавозимотҳои ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта ба сохторҳои қудратӣ шомил карда шуд [67, с.66].

Аз комиссияи тиббӣ 6842 нафар гузаштанд, ки аз ин миқдор 4498 нафар қасами ҳарбӣ ёд карданд. Оиди ҳали қазияи ҳарбӣ комиссия якчанд маротиба ба ноҳияҳои Ленин, Кофарниҳон, Дарбанд, Тавилдара, Ғарм, Тоҷикобод, Ишкошим, Қалъаи Хумб, шаҳри Хоруғ ва Ҷумҳурии Афғонистон рафта, зери таҳдиди силоҳбадастон кор мебурданд, хусусан мушкилиҳо дар деҳаи Теппаи Самарқандӣ ва ноҳияҳои Дарбанду Тоҷикобод ба ҳайати комиссия пеш омада буд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои асосии низомӣ мувофиқи «Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ» аз тарафи зеркомиссияи марбута иҷро карда шуд. Барои дастгирии аъзои собиқ Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин дар ҳайати Вазорати мудофиа баталони 25–уми мувақатӣ дар ҳайати 460 нафар таъсис дода шуд. Аъзои ин баталон баъди назорат ва санҷиши Комиссия оштии миллӣ тибқи протоколи низомӣ дар ноҳияҳои Ғарм, Тавилдара, Кофарниҳон ва Ленин ҷо ба ҷо карда шуданд. Як қисми онҳо баъди гузаштан аз санҷиши комиссия ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ гузаронида шуданд. Аз ҷумла соли 1998 ҳайати қисми ҳарбии 08024 бо шумораи 50% аз ҳисоби қувваҳои мухолифин пурра гардонида шуд [61, с.275].

Бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ «барои такмили касбияти хизматчиёни ҳарбӣ аз соли 1997 замина муҳаё гардид. Таёрии ҷангии қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ тавассути машқҳои ҳарбӣ ба роҳ монда мешавад. Машқҳои ҷангӣ як низоми мураккаб ва бисёрҷанба

мебошанд, ки ба роҳбарии Қуввахои Мусаллаҳ имкон медиҳад то омодагии хизматчиёни ҳарбиро бо ҳамкории байни ҷузъу томҳои қӯшунҳо санҷида, тамринотро иҷро намоянд, ки мақсади аслии он мушоҳидаи заъфҳои дифои худ ва бартараф намудани он ба шумор меравад. Моҳи августи соли 1997 бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи баталони 7–уми тирандозӣ (соли таъсисаш моҳи октябри соли 1993) бригадаи 1–уми ташкил ёфт. Яъне, гуфтан ба маврид аст, ки Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тамоми бахшҳои ҳаёти давлатдорӣ таъсири мусбат расонида, бо руйдоди ин санаи таърихӣ, бори аввал аз соли 1998 ҷузъу томҳои Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бо давлатҳои аъзои ин ташкилот ҷиҳати табодули таҷриба машқҳои омӯзишии ҳарбиро гузарониданд Қобили зикр аст, ки «соли 1997 дар марҳилаи дуюми ташаккули Қӯшунҳои хушкигард, Раёсати Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфт ва нахустин фармондеҳи ин навъи Қуввахои Мусаллаҳ шахси дорои собиқаи зиёди хизматию фармондеҳӣ генерал–майор Абдулҳасанов А. А. таъин гардида, ҳамзамон муовини Вазири мудофиа ба ҳисоб мерафт. Генерал–майор Абдулҳасанов Абдуназар (1997–2005) бо кӯмаку дастгирии ҳайати шахсӣ полковник Алибоев Баҳром, полковник Салимов Абдулҳафиз, полковник Ҳамзаев Олим, полковник Урмонов Зокир, полковник Меликов Зайдулло, полковник Ҷураев Музаффар, полковник Маҳмадов Суҳроб, подполковник Шаламов Абдулрозӣ, прапоршик Чӯпонова Асалбегим, старшина Амонимулкова Соро барои рушду такомули ин навъи қӯшун, тарбияи кадрҳои афсарӣ, баланд бардоштани омодагии размӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми ҳарбӣ саҳми босазо гузоштанд» [61, с.210].

Қӯшунҳои хушкигард дар Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хоси худро касб намуда, баҳри зада гардонидани зарбаҳои таҷовузкорона дар самтҳои фаврии стратегӣ афзалият ба Қӯшунҳои хушкигард, тайин гардидааст [17]. Вазифаи асосии Қӯшунҳои хушкигард бурдани амалиётҳо дар хушкӣ маҳсуб меёбад. Барои такмили малакаю маҳорати хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷузъу томҳо, машғулиятҳо, майдончаҳои тактикӣ, монеаҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, шаҳрчаҳои тирпаронӣ ва дар баъзеашон майдонҳои омӯхтану идора кардани танк ва дигар навъи техникаи ҳарбӣ бунёд карда шуданд [3].

Бо мақсади ноил шудан ба масъалаҳои дар боло зикршуда, «қисму воҳидҳои Қӯшунҳои хушкигард дар машқҳои фармондеҳӣ–ситодии «Марз–2010»–и кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, ки дар гарнизони Суғд соли 2010 баргузор гардид, инчунин, дар амалиёти аз гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ тоза намудани минтақаи Рашт фаъолона иштирок намудааст. Машқҳо таҳти роҳбарии фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард

генерал–майор Собирзода Эмомалӣ ҷараён гирифт. Дар ҷараёни гузаронидани машқҳо ин афсари тоҷик аз худ маҳорати баланди касбӣ нишон дод. Дар машқҳо иштироккунанда зиёда аз 1000 нафар ва истифодаи беш аз 150 адад техникаи ҳарбӣ, аз ҷумла ҳавопаймоҳо ва чархболҳо амалиёти ҳарбии зидди террористиро ба намоиш гузоштанд» [61, с.225].

19–уми августи соли 2011 дар сохтори Раёсати Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳ Дастгоҳи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфт. Вазифаи асосии он таъмин намудани қӯшунҳо ва таҳти назорат гирифтани иҷрои ҳатмии онҳо аз тарафи ҷузъу томҳои ин сохтор мебошад. Боиси қайд аст, ки дар кори омодасозии ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард саҳми афсарони калон полковникҳо Алибоев Б., Каримов С., Урмонов З., Ҳамзаев О., Раҳматов М.ва Ҳасанов А. арзанда мебошад.

Яке аз сохтори басо муҳими Раёсати Қӯшунҳои хушкигард, ки фаъолиятро қӯшунро вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда ба танзим медарорад. Дастгоҳи Фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард мебошад, ки дар асоси Дастури сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ–муовини аввали Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2011 дар ҳайати Раёсати Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфтааст.

Вазифаи асосии Дастгоҳи фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигард ба санадҳои меъёри–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазири мудофиа таъмин намудани Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти назорат гирифтани иҷрои онҳо аз тарафи сохторҳои Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард тавассути иштирок дар машқҳои муштарак маҳорату қобилияти ҷангии худро боз ҳам баланд бардошта, дар роҳи мустаҳкам гардонии иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузоранд.

Ҳамчунин, таълимот–машқҳои муттаҳида бо қувваҳои Дастаҷамъии зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ ва қувваҳои дастаҷамъии сулҳоварӣ САД, СҲШ ва НАТО баргузор менамоянд.

Ҳамин тариқ, таърихи ташаккули Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, метавон ба хулосае расид, ки ин навъи қӯшун бо фурӯпошии ИҶШС ва давлати мустақил робитаи зич дошта, он дар шароити душвори ноустувории сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 сурат гирифт. Бо ба даст омадани истиқрори сулҳ сохтори ташкилӣ такмил ёфта, таъминоти кадрҳо беҳтар ба роҳ монда шуда, дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ–техника густариш ёфт. Қӯшунҳои хушкигард ташаккули худро дар миёни низоъ то таъсиси як нерӯи мусаллаҳи

мунтазам аз сар гузаронида, ба як унсури муҳимми ҳифзи тамомияти арзии мамлакат табдил ёфтаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола **роҷеъ ба «Зарурати ташкилёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал ва ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ»** таҳқиқот бурда шудааст, ки муҳтавои онро метавон чунин баррасӣ кард.

Тағйиротҳои сиёсие, ки дар минтақа рух доданд, зарурати ташкили ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳро тақозо намуд. Новобаста аз вазъияти ниҳоят душвор ва бисёр ҳассос барои Тоҷикистони тозаистиқлол, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз тамоми имконоти мавҷуда истифода намуда, дар заминаи ҳамкорҳои бисёрҷанбаи ҳарбӣ–техникӣ иқдомоти басо ҳам манфиатоварро дар самти таъминоти техникӣ, таълимиву тачрибавӣ, тактикиву ҷангӣ, моддиву майишӣ ва азнавсозиву муҷаҳҳазгардонии ҷузъу томҳо бо силоҳу муҳиммоти ҷангӣ ва техникаҳои вазнини ҳарбӣ марҳила ба марҳила бо давлатҳои собиқ шуравӣ ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ амалӣ намуда, ба афзоиши иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ хизматҳои шоён намуд.

Бо рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳарбӣ ва вусъат ёфтани дастгирии ҳамаҷонибаи ҳарбӣ–техникӣ, ёрии мудофиавии ИДМ дар дурнамои миёнамуҳлат ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки дар ҳайати Артиши миллӣ баъд аз ташкил намудани Қӯшунҳои хушкигард, навъи дигари қӯшун–Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, инчунин Қӯшунҳои зудамал ташкил карда шаванд.

Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, яке аз нахустин неруи мусаллаҳи Тоҷикистон ба шумор рафта, он ҳамсолу ҳамқадами Артиши миллӣ мебошад. Дар қатори дигар навъҳои қӯшун дар асоси дастури Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20–уми апрели соли 1993 Раёсати Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ пурра гардид. Нахустин парвози чархболи ҷангии МИ-24 дар кишварамон 1–уми марти соли 1993 сурат гирифтааст. Чархболро командири ҳайат Вячеслав Михайлович Грудина, ҳавонавард – оператор майор Владимир Евсеев Иванович ва капитан Генадий Вадимович Мина идора мекарданд [61, с.286]. Он замон шумораи чархболҳо ҳамагӣ чор адад иборат буда, ба таъмиру тармим эҳтиёҷ доштанд. Ба охир расидани «Ҷанги сард», коршиносон ва таҳлилгарони хориҷӣ суқути вазъи амниятиро дар Осиёи Маркази пешгӯйӣ мекарданд.

Қобил ба ёдоварист, ки «аз моҳи декабри соли 1992 ҳангоми вохӯрии Сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Дастаҷамъӣ дар шаҳри Тошканд масъалаи тайёр намудани мутахассисони гурӯҳҳои мухталифи соҳаи ҳарбӣ барасӣ гардид. Дар натиҷаи иқдоми аз моҳи декабри соли 1992

гирифтаи роҳбарияти олии мамлакат, моҳи майи соли 1993 31 нафар ҷавонони тоҷик ба Омӯзишгоҳи ҳарбӣ–десантии шаҳри Рязани Федератсияи Россия ва Омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои таҳсил фиристода шуданд. Маҳз, бо ташаббусу кордонии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил карда шуд» [34].

Соли 1994 баъд аз як соли таъсисёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил ёфт. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19–уми июни соли 1994 қисмҳои ҳарбии Мудофиаи зидди ҳавоии Ӯзбекистон (аз ҷумла қисми ҳарбии 41008) ба ҳайати Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Қувваҳои мудофиаи зиддиҳавоии ҷумҳурӣ то соли 2005 дар ҳайати Артиши миллӣ мустақилона амал мекард ва дар натиҷаи ислоҳоти ҳарбӣ соли 2005 Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва Мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид гардонида шуда, ба як навъи қӯшун табдил дода шуданд.

Тайи солҳои 1993-1997 ҳайати шахсии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ маҳорати баланди касбӣ нишон дода, дар рафти зиёда аз 60 амалиёти ҷангӣ иштирок намуданд. Соли 1995 дастаҳои зиддиҳукуматӣ дар қисмати шарқии мамлакат истеҳком гирифта, аз он ҷо бар зидди ҳокимияти навбунёди Тоҷикистон тухми низоъ мекоштанд. Ин ҳолатро ба назар гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии ин ҳодисаи нангин тамоми чораҳои заруриро меандешид. 93 дарсади ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳсор ташкил медиҳад, Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ нақши ҳалкунанда доштанашон ногузир гардид. Авиатсияи ҷангӣ дар шароити кӯҳистон ва бо назардошти тактикаи ҷангии терроризм воситаи муҳими таъмини ғалаба ба шумор меравад. Бо роҳи замини интиқол додани нерӯҳои зарбазан ба нуқтаи ноором вақт ва сайъи зиёд талаб дорад. Истифодаи нерӯи авиатсия дар амри расонидани тири ҳадафрас ба нуқтаи ҷойгирифтаи душман таъхир ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, доираи ҳамлаи террористон васеъ гардад. Авиатсияи ҷангӣ бошад ноаён дар фазои минтақаи ҷойгирифтаи душман пайдо шуда, зарбаи нишонрас мезанад ва барои ӯ имкони васеъ намудани амлиётро намедиҳад. Ҳамзамон, бо зарбазанӣ авиатсия метавонад беосеб десант фароварда, дар роҳи ҳаракати душман зарбаи ғайричашмдошт занад. Бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷузъу томҳои Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ комендатураи сайёр ташкил ёфта, баҳри дар сатҳи баланди ҷангӣ иҷро намудани супоришҳо сафҳои он бо афсарони болаёқат пурра гардид. Маркази ин омендатура дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон буд [61, с.157].

Дар ин давра «тавассути Қуваҳои ҳарбии ҳавоӣ беш аз 25 ҳазор парвозҳои авиатсияи ҳарбӣ доир гаштааст, ки аз ин миқдор зиёда аз 10 ҳазораш парвозҳои ҷангӣ мебошад. Илова ба ин, зиёда аз 30 ҳазор тонна

борҳои гуногуни ҳарбӣ ва беш аз 40 ҳазор нафарро ба ҷойҳои таъйиншуда расонидааст» [50, с.48].

Баҳри баландбардории таваҷҷуҳ ба масъалаҳои амалии мустаҳкам намудани амнияти ҳарбӣ Шурои Вазирони Мудофиаи ИДМ ва мақомоти кории онҳо ба рушди ҳамкориҳои ҳарбии бисёртахассуси мутамарказонида шуда, бо дарназардошти зарурат дар омоданамоӣ ва таъминоти рушди кадрию илмии давлатҳои аъзои ИДМ Низоми муттаҳидаи Мудофиаи зиддиҳавоии ИДМ дар Академияи ҳарбии мудофиаи ҳавоӣ–кайҳонии ба номи маршали Иттиҳоди Шуравӣ Г.К. Жуков ва маркази илмӣ–таҳқиқотии ш. Твер, Институти илмӣ- таҳқиқотии марказии Қӯшунҳои мудофиаи–кайҳонии Вазорати Мудофиаи Федератсияи Россия амалӣ карда мешавад [57, с.25].

Вазифаи асосии Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоии ҷумҳурӣ ин таъмини амнияти сарҳадоти фазоии кишвар ва марзҳои ҷануби ИДМ - ро дар бар мегирад. Айни замон ҳавопаймову чархболҳои ҷангию нақлиётии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мушакҳои муосири мудофиаи зиддиҳавоии Артиши миллӣ, бо омодагии баланди ҷангӣ, аз замин фазои ҷумҳуриро назорат ва аз фазо сарҳадоти заминии кишварро муҳофизат мекунанд [50, с.49]. Қисмҳои ҳарбӣ ва дастаҳои ҷангии Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ бори нахуст аз моҳи январи соли 1998 ба навбатдории ҷангӣ баҳри назорати фазо ва ҳифзи ҳаримии ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ намуданд [61, с.287].

Бинобар сабаби ҷанги шаҳрвандӣ рушди қувваҳои ҳавоӣ суст ҷараён дошт. Соли 1993 дар Душанбе шумораи умумии чархболҳои МИ-8МТБ 10 адад ва МИ-24 5 ададро ташкил медод. Дар соли 1996 аввалин ҳавопаймоҳои нақлиётии АН-24 (ҳавопаймои турбовинтии мусофирбар барои хатҳои кӯтоҳ ва миёна) ва АН-26 (ҳавопаймои тактикии бисёрҳадаф, ки дар заминаи Ан-24 бо муҳаррикҳои АИ-24VT тарҳрезӣ шудааст) ба Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дода шуданд. Нақшаи аз Беларус харидории СУ-25 барои ташкили эскадраи ҳамла аз солҳои 1990 амалӣ нашуд. Бо вуҷуди ин, Москва дар соли 2006–2007 дар таҳкими миқдори чархболҳои Тоҷикистон бо додани шаш чархболи Ми-8 ва Ми-24 (истеҳсоли Ҳиндустон), инчунин чаҳор адад L-39 Albatros кӯмак кард [88]

Тайи солҳои мавҷудияти Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар муҳофизати давлату ҳукумат як зумра аз хизматчиёни ин навъи қӯшун ҷони худро аз даст доданд. Инҳо подполковник Середюк В., капитан Тулиев Х., сарбози қатори Курапов К., капитан Демешко И.В., капитан Алабердиев Б.А., подполковник Грудина В.В., майор Ҷураев Б., майор Бойпочоев С., кпитан Кошелев А.В., лейтенанти калон Мансуров А., лейтенанти калон Амирбеков Х. ва дигарон мебошанд.

Номи онҳо дар хотираи таърихи халқ Ватан ва ёди ҳарбиён абадӣ боқӣ хоҳад монд [61, с.289].

2–юми августи соли 1998 дастаи десантчиёни ҳавоӣ ба маркази таълимии «Фахробод» фуруд омад. Десантчиёни тоҷик яке аз сохторҳои муҳимми Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлоли кишварамон ва сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мераванд.

Гурӯҳи десантии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «таърихномаи начандон тӯлонӣ, вале пур аз саҳифаҳои шуҷоату далерӣ доранд, фаъолияти худро соли 1993 дар марҳилаи ниҳоят мураккаби давлатдории навини халқи тоҷик ҳамчун ниҳоди асосии ҳимоякунандаи сохти конститутсионӣ ва таъминкунандаи тамомияти арзии мамлакат оғоз кардаанд. Бригадаи десантӣ барои иҷрои вазифаҳои махсусан муҳимми ҷангӣ вогузор гардидаанд, яъне десантчиён вазифаҳои вазнин, махсусан муҳим ва масъулиятнокро ба уҳда доранд» [84].

Маҳз маҳорати кордонӣ ва ватандӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он боис гардид, ки моҳи сентябри соли 2003 Қувваҳои зудамал–ҷавонтарин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ ташкил ёфт. Ба ҳайати ин навъи қӯшун қисмҳои интизомии тайиноти махсус, ҳамлавари десантию зарбавӣ, тирандозии кӯҳӣ як қатор ҷузъу томҳои фаврӣ ва баталони сулҳовар шомил мебошанд.

Мақсади бунёди Қӯшунҳои зудамал ҷорӣ намудани усулҳои нави омодагӣ бар зидди гурӯҳҳои террористӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва боз ҳам сайқал додани маҳоратҳои ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Аз рӯзҳои нахустини ташкилёбии кӯшунҳои зудамал солҳои 2003–2014 нахустин вазифаи фармондеҳии ин навъи қӯшунро генерал–лейтенант Файзизода Латиф Мирзо бар душ дошт. Генерал–лейтенант Файзизода Л.М. афсари касбии пуртаҷрибаи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёфта, солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият намудаанд [48, с.6].

Бо мақсади такмили таҷрибаи амалӣ ва иҷрои бенуқсони уҳдадориҳои Қувваҳои Мусаллаҳ дар якҷоягӣ бо давлатҳои аъзои ИДМ ҳар сол зиёда аз 30 чорабиниҳои ташкилӣ–амалии самтҳои гуногундошташударо мегузаронанд.

Бо истифода аз имконоти мавҷудаи ҳукумати мамлакат, иқтидори умумии Артиши миллӣ афзуда, дар чорабиние, ки таҳти унвони «Марз – 2021» гузаронида шуд, 1023 техникаи зиреҳпӯши ҷангӣ, 3167 техникаи автомобилӣ ва махсус, 447 воситаи артиллерӣ ва миномиёт, 234 мушакҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, 45 тайёраву чархболи ҷангиву нақлиётӣ дар самтҳои

амалиётӣ ба минтақаҳои иҷрои вазифаи ҷангӣ бароварда шуданд [35]. Маҳз, натиҷаи ҳамин таваҷҷуҳу ғамхориҳо, анҷоми корҳои муваффақонаи соҳавӣ, сохтмону бунёди бинову иншооти аҳамияти ҳарбидошта дар минақаҳои стратегии ҷумҳурӣ, фароҳамсозии шароити мусоиди хизматӣ, таъмин намудани сафи ҷузъу томи артиш бо кадрҳои афсарӣ, ширкат дар машқҳои муштараки васеи низомӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва амалинамоии масъалаҳои дигари монанд ба ин мебошад, ки имрӯз навъҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ ташаккул ёфта, низомиёни мамлакат бо омодагии баланди ҷангӣ дар ҳифз ва мудофиаи марзу буми Ватан қарор доранд.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳ ва таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» аз ду зербоб иборат буда, роҷеъ ба таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ва масоили марбут ба ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ ва дастоварду комёбиҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳ дар партави ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия «**Таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ»** баррасии тағйирот ва дигаргуниҳо марбут ба Артиши миллӣ ва омодабошии ҳимояи мусаллаҳонаи кишвар, қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва таъмини оромии ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар шароити кунунӣ таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ мамлакат буда, марҳалаҳои ташаккул, дастоварду комёбиҳо ва уҳдадории Артиши миллиро фаро мегирад. Мутобиқ намудан ва навсозии техникӣ, яке аз авлавиятҳои калидиест, ки мунтазам аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардааст, ки хатару таҳдидҳои муосир такмили доимии омодагии ҷангӣ, тақвияти интизом ва дар хизматчиёни ҳарбӣ тарбияи рӯҳияи ватандӯстӣ, масъулият ва садоқат ба Ватанро тақозо мекунанд. Ӯ инчунин, ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амният ва мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои фаромиллӣ аҳамияти калон медиҳад.

Самти муҳими рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, такмили омӯзиши афсарон, машқҳои мунтазам ва такмили низоми фармондеҳӣ ва назорати қӯшунҳо мебошад. Ин тадбирҳо барои таъмини омодагии баланди ҷангии артиш ва қобилияти он барои вокуниши самаранок ба ҳама гуна таҳдидҳо равона карда шудаанд.

Қобил ба зикр аст, ки унсури асоситарини **таҳким ва рушди** Қуввaҳои Мусаллаҳи ҳар як артишро омодагии размии он ташкил медиҳад, зеро маҳз сатҳи омодабошии ҷангӣ қобилият ва қудрати воқеии артишро муайян мекунад ва бақои ҳар як кишвар бо мавҷудияти артиши он робитаи ногусастанӣ дорад. Ташаккули санъати размии Қуввaҳои Мусаллаҳ сатҳи афзояндаи назария ва амалия дар омодагӣ ва гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ мебошад, ки бар асоси донишҳои илмии ҳарбӣ ва сатҳи баланди фарҳанги касбии ҳарбӣ асос ёфтааст. Яъне, тақвияти силоҳ ва техникаи ҳарбӣ худ аз худ муваффақияти ҷангро муайян карда наметавонанд, балки «авлавияти тақвияти Артиши миллӣ, беҳтаркунонии сифатнокии ҳайати шахсии қушунҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ зиракии баланди сиёсӣ ва баланд бардоштани омодагии размӣ онҳо ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамин тартиб, ҳамасола тибқи нақшаи ягонаи тайёрии ҷангӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳ дар ҳама гарнизонҳои ҷумҳурӣ, бо ҷалби раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат, шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ маҷмӯи машқҳои муштараки зиддитеррористӣ, тамринҳои васеи амалиётӣ-тактикӣ ва стратегӣ, машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ, ҷамъомади мудофиаи ҳудудӣ ва дигар чорабиниҳои низомӣ ташкилу ба роҳ монда мешаванд [4].

Сафҳои Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, академияҳои ҳарбӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ таъмин карда мешаванд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки «айни замон, дар муассисаҳои таълимии олии ҳарбии кишварҳои дӯст, яъне академияҳо, тақрибан 600 курсант ва зиёда аз 120 нафар донишҷӯён илми ҳарбиро меомӯзанд. Танҳо дар донишкадаҳои ҳарбии Федератсияи Россия зиёда аз 80 нафар мутахассисони ҳарбӣ тайёр карда мешавад» [61, с.79].

Айни ҳол дар муассисаҳои олии таълимии ҳарбии кишварҳои хориҷ наздики 800 нафар таҳсили илми низомӣ менамоянд, ки ҳайати онро курсантону шунавандагони Академияву омӯзишгоҳҳои олии ҳарбӣ ташкил медиҳанд. Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ кишварҳои зиёде истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд.

Маҳз, эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол имкон дод, ки «бори аввал барои фиристодан ба донишгоҳҳои Олии Россия ва Узбекистон бо шумораи 70 нафар курсант – тирандозон, 40 нафар мутахассисони хизмати наҷотдиҳӣ аз садама ва сухтор интихоб карда шуданд. Ҳамчунин, барои таҳсил дар Донишгоҳҳои Россия 149 нафар, ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 66 нафар ҷудо намуданд, ки иқдоми пешгирифтаи ҳукумати кишвар аз 20 то 30–юми сентябри соли 1993 фиристодани ин

курсантҳо ба донишгоҳҳои олии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон амалӣ гашт» [67, с.92].

Инчунин, ҳар сол афсарон ва курсантҳои тоҷик ба муассисаҳои таълимии ҳарбии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Чин, Покистон, Чехия барои омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили маҳорати касбӣ фиристода мешаванд.

Айни замон Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 50 кишвари олам ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ–техникии дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ мондааст. Ҳамасола навгоникуниҳои Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста ба иқтидорҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Тибқи маълумотҳои SIPRI [89], дар рейтингҳои ҷаҳонӣ аз воридоти аслиҳа дар давраи аз соли 1994 то соли 2017 Тоҷикистон барои харидорӣ намудани яроқ зиёда аз 1 млрду 42 млн доллари ИМА сарф намудааст [79, с.28].

Ҷумҳурии мардумии Чин низ барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии калон расонид. Кумакҳои ҳарбӣ – техникии Чумҳурии мардумии Чин дар солҳои 1993 то 2010 зида аз 18 миллион долларо ташкил дод [78, с.199].

Раванди таълиму тарбия дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як низоми ҳамаҷониба фарогир аст, ки барои тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ ба чунин унсурҳои: риояи интизоми ҳарбӣ, рушди донишҳои касбӣ, маҳорату малакаи касбӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ва фидокори равона шудааст. Ин раванд омӯзиши қатъии ҳарбиро бо кори амиқи идеологӣ муттаҳид мекунад.

Раванди рушди соҳаи ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ кардани Артиши Миллӣ ба мушкилоти муосири геополитикӣ пеш аз ҳама таҳдиду хатарҳои терроризм ва экстремизм равона шудааст. Дар раванди бунёдкориҳо сохтмони маҷмааҳои муосири низомӣ бо шароити беҳтари зиндагӣ барои сарбозон ва афсарон, ки бо низоми гармидиҳӣ ва таъминоти об ва ошхонаҳои муосир муҷаҳҳаз мебошанд.

Бо мақсади ҷисман обутоб ёфтан, баланд бардоштани маҳорату малакаи ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ аз соли 2003 дар тобеияти Вазорати мудофиа Клуби марказии варзишии артиш амал мекунад, ки дар доираи нақшаву чорабиниҳо ҳамасола чандин чорабиниҳои сатҳи гуногуни варзишӣ гузаронида мешавад.

Тайи 30 соли Истиқлоли давлатӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр тағйирот ва дигаргуниҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Таълимоти назарияи ҳарбӣ–сиёсӣ Доктринаи ҳарбӣ коркард гардид, ки баҳри ҳимояи

якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодабошии ҳимояи мусаллаҳонаи мамлакат ва халқ то ин давра нақши муҳимро мебозад [33, с.3].

Таҳаввулоти Қувваҳои Мусаллаҳ бо навсозии пайваста ва мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи геополитикӣ амалӣ мегардад. Паз аз анҷоми Ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997 гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ иқдомҳои наҷиб ба вуқуъ пайваст. Дар ин давра дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд вазифаҳо барои тақвияти Артиш миллӣ гузошта шуд: ташкили артиши касбӣ; навсозии аслиҳа ва техникаи зиреҳии размӣ; баланд бардоштани омодагии размии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста тақвияти иқтидори минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ якчанд вазифаҳоро гузоштааст: такмили сохтор ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; тақвияти заминаҳои моддию техникии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; омодабошии доимии размии ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии дохил ва хориҷи мамлакат ва ба кадрҳои ҷавони ба талаботи замона ҷавобгӯй, таъмин намудани ҷузъу томҳои низомӣ маҳсуб меёбад [35, с.2].

Вазъи нооромии ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, қабл аз ҳама терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи баланди омодабошии ҷангӣ, маҳорату малакаи касбӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ ба он нигаронида шудааст, ки Артиши миллӣ ҳамчун самти ташаккули ватандӯстӣ ва кафили сулҳу субот, сипари боэътимоди Ватан маҳсуб ёфта, рушди минбаъдаи ин ниҳоди давлатӣ на танҳо дар рушди техника, балки дар иродаи қавӣ ва худогоҳию худшиносии миллии ҳар як хизматчии ҳарбӣ таҷассум меёбад.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Низоми омодасозии кадрҳо ва тарбияи ватандӯстӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, ки яке аз бахшҳои мубрами омӯзиши соҳаи ҳарбӣ маҳсуф ёфта, масъалаҳои бунёди инфрасохтори таълимӣ ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявиро дар артиш дар бар мегирад, ки масъалаи гузошташуда таҳқиқи худро ёфтааст.

Дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки бо барҳӯрди манфиатҳои геополитикӣ асос ёфтааст, таъмини ҳифзи истиқлоли давлат аз сатҳи баланди касбият, низоми таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии ҳарбӣ, ки ҳамчун заминаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисос хизмат мекунанд, барои ноил шудан ҳадафи стратегӣ нақши калидӣ мебозанд.

Дар марҳилаи аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992–1993) ҳукумати мамлакат бо мушкилоти шадиди набудани мутахассисони касбии миллӣ ва пойгоҳи мустаҳками моддию техникии таълимӣ рӯ ба рӯ буд. Бо дарки амиқи ин вазъ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи омода намудани кадрҳои миллӣ ва таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбиро ба ҳайси яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мудофиа муайян намуданд.

Баъд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ таҳти роҳбарӣ ва дастгирии бевоситаи Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инфрасохтори муҳими таълими ҳарбӣ дар кишвар бунёд карда шуд, ки нахустин муассисаи таълимии омодасозии кадрҳои ҳарбӣ – Коллеҷи муҳандисию фармондеҳии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ҳамқадами Истиқлоли давлатӣ буда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29-уми сентябри соли 1992, №УП-198, ҳамчун Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ-муҳандисии Тоҷикистон (Қарори Кабинети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба масъалаҳои Коллеҷи олии ҳарбии фармондеҳӣ-муҳандисии Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе аз 3-юми октябри соли 1993, №404), дар пойгоҳи собиқ Техникуми геологӣ ташкил гардида, баъдтар ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи табдил додани Коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30-юми апрели соли 2002, №195) табдил ёфтааст [61, с.465]. Аз рӯзҳои нахустини таъсиси Коллеҷ ҳайати роҳбарии он ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Зарур буд, ки масъалаи ташаккули муассиса, бо ҳайати афсарон, омӯзгорони дорои унвони илмӣ пурра гардонидани он, омода намудани курсантҳо дида баромада шавад.

Соли 1993 дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, аммо бо ин нигоҳ накарда, комиссияи қабули коллеҷ ташкил ёфт ва ба фаъолият пардохт, ки дар натиҷа 1575 ариза барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба унвони муассиса ворид гардид [67, с.91].

23–юми юми феврали соли 1993–рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон курсантҳо ва сарбозони коллеҷ савганди ҳарбӣ қабул

карда, дар гузаронидани намоиши паради ҳарбӣ ботантана иштирок намуданд.

Ҳайати шахсии Коллеҷи олии ҳарбии Тоҷикистон дар радифи хизматҳои шоён ва таълиму тарбияи курсантону шунавандагон, мувофиқи талаботи Фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11–уми майи соли 1996 дар ҳайати ротаи муттаҳидаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби қисмҳои гарнизони шаҳри Душанбе барои иҷрои супоришҳо дар муҳорибаҳо алайҳи ҷиноятқорон иштирок намуданд [36, с.93].

30-юми апрели соли 2002 таҳти рақами №195 Коллеҷи олии ҳарбӣ ба Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили ном намуд [36, с.2]. То ба имрӯз аз ҳисоби хатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ҳамасола аз рӯи 18 ихтисос зиёда аз 200 афсари касбӣ мутахассис, омода менамояд [46, с.83].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қишрҳои осебпазири ҷомеа, ятимон ва кӯдакони бепарасторро пайваста таҳти ғамхории падарона ва таваҷҷӯҳи доимии хеш қарор медиҳанд.

Ҳоло дар Донишкадаи ҳарбӣ, Литсейи ҳарбӣ ва қисму воҳидҳои низомии тобеи Вазорати мудофиа 120 нафар ашхоси ятимони кул ва бепарасторон ба қайд гирифта шудаанд, ки онҳо ба ҳайси донишҷӯ таҳсил менамоянд, ки баъди хатм ба кори доимӣ таъмин мегарданд [49, с.230].

Соли 1992 беш аз 60 % кормандони мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти тахассусӣ надоштанд. Ҳамчунин тағйироти ҷиддӣ дар назария ва амалияи кори оперативӣ зарурати такмил додани тайёрии кадрҳоро ба миён овард. Дар натиҷаи амалӣ гардонидани чораҳои ташкилӣ ҳанӯз моҳи феврали соли 1993 курсҳои якмоҳаи таълимӣ ба кор шуруъ карданд [50, с.254].

Бо фармони Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти №216 аз 15-сентябри соли 2001 аввалин маротиба дар мамлакат Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ташкил карда шуд, ки он барои Қӯшунҳои сарҳадӣ афсаронро бо тахассусҳои гуногун омода мекунад. Омӯзишгоҳи Олии сарҳадӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 123/5 аз 19 – уми марти соли 2007 таъсис ёфтааст. Баъдан муассисаи таълимӣ Донишкадаи олии сарҳадӣ номгузорӣ шуд, ки дар он аз руйи 4 ихтисоси марзбонӣ мутахассисон тайёр карда мешавад. То имрӯз Донишкадаи олии сарҳадиро 1100 нафар ҷавонписарон ва 10 нафар духтарон хатм намуданд, ки аз ин теъдод 26 нафар соҳиби дипломи сурх мебошанд [50, с.231].

Кафедраҳои ҳарбии назди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар дар таҳкими иқтидори Артиши миллӣ, хусусан омодасозии захираҳои

сафарбарӣ–кадрҳои афсарӣ, таълими ҳарбӣ–ватандӯстӣ, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ барои ҳимояи Ватан, ҷалби собиқадорони мақомоти низомӣ ва мутахассисони соҳа, пешбурди раванди таълими ҳарбӣ ва таҳқиқоти соҳавӣ, нақши муҳим ва мутаносибро иҷро намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, натанҳо асосгузори таърихии Артиши миллӣ балки муаллифи ғояҳои асосии тарбиявии ин институти давлатӣ ба шумор рафта, ташаббусҳои созандаи ӯ ҳамчун намунаи олии ватандӯстӣ сармашқи омӯзиши хизматчиёни ҳарбӣ ба шумор меравад, чунки дар замони муосир Қуввaҳои Мусаллаҳ бе ақидаҳои бунёдӣ рӯҳияи ватандӯстӣ наметавонад устувору побарҷо бошад.

Аз ин рӯ, нақши Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳ аз он иборат аст, ки он метавонад таҷрибаи таърихии гузаштаро ба силоҳи маънавии сарбози имрӯза табдил диҳад.

Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ маҳсуб ёфта, самтҳои асосии тарбияи хизматчиёни ҳарбиро дар иҷрои вазифаҳои тарбияи маънавию равонӣ муайян менамояд, ки 20-уми феврали соли 2015, таҳти № 369 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расонида шуд, ки нақши ин консепсия дар Қуввaҳои Мусаллаҳ ҷиҳати мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар аз бисёр ҷанбаҳои муҳим иборат аст [18, с.1].

Насли ҷавони кишварамон бояд дарк намоянд, ки «Қуввaҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳуриамон чи гуна озмоишҳои сахти ҳарбиро аз сар гузарондааст. Дар солҳои 1995 то 1997 мутобиқи иттилои мақомоти КДАМ дар дохили кишвари мо зиёда аз 38 хадамоти махсуси хориҷӣ барои барҳам задани сулҳу субот байни мардум тамоми воситаҳоро истифода мебурданд» [34, с.4].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи ва таҳлили зербоби мазкур метавон, ба чунин натиҷаҳо расид, ки ташкил ва рушди муассисаҳои таълимии ҳарбӣ омили калидии таъминкунандаи амнияти миллии давлат буда, бевосита ба сатҳи омодабошии ҷангӣ ва иқтидори мудофиавии Қуввaҳои Мусаллаҳ таъсири мустақим мерасонад:

- дар шароити муосир низоми тайёр кардани кадрҳои ҳарбӣ бояд усулҳои нави мудофиавӣ ва таҷрибаи нави ҷангҳои муосир мутобиқ карда шавад.

- муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ҳамчун манбаи асосии таъминкунандаи қисмҳои низомӣ бо афсарони ҷавон, соҳибкасб ва босаводу соҳибтаҷриба баромад мекунанд.

- артиши муосир техникаи мураккабро талаб мекунад; бинобар ин, муассисаҳои ҳарбӣ натанҳо макони омӯзиши тактика, балки маркази рушди тафаккури техникиву илмии ҳарбӣ мебошанд.

- дар замони муосир, ки хатарҳои иттилоотӣ ва мафкуравӣ хело зиёд гардидааст, қудрати артиш натанҳо бо силоҳ, балки аз тарбияи ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ вобаста аст. Ватандӯстӣ сипари боэътимодест, ки дар замири ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҳисси худшиносии миллиро устувор мегардонад.

Дар маҷмуъ, Қуввахои Мусаллаҳ бе арзишҳои баланди маънавӣ, ахлоқӣ ва боварinокии қарзи худ дар назди Ватан, на танҳо қобилияти ҳимоя намудани онро аз даст медиҳад, балки ба қуввае табдил меёбад, ки вай барои халқи худ хатарнок мебошад.

ХУЛОСА

1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Бо назардошти натиҷаҳои пажуҳиши вобаста ба мавзуъ ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

– ба ҳар як мамлакат барои муҳофизати бутунии ҳудудӣ ва истиқлол қувваи тавонои мудофиавӣ лозим аст. Бар асоси ҳаводису воқеаҳои ҳарбию сиёсии рухдода, метавон исбот намуд, ки байни истиқлоли сиёсиву иқтисодии кишвар ва иқтидори низомӣ ва мудофиавии он робитаи мустақими қатъӣ вуҷуд дорад.

Омӯзиши таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир як мавзуи мубрам маҳсуб ёфта, марҳилаҳои омӯзиши он аз бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандӣ то таъсиси сохтори муосир ва рушдёфтаро дар бар мегирад. Ҳангоми омӯзиши марҳилаҳои ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаҳои истифодашуда роҷеъ ба мавзуъ ба якчанд гурӯҳ метавон ҷудо намуд:

–якум, асноди бойгонӣ роҷеъ ба марҳилаи ибтидоӣ, солҳои 1991–1993-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила ташкили Қуввахои Мусаллаҳ дар Эъломияи истиқлоли давлатӣ ва фармону қарорҳои Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дарҷ гардида, Фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18–уми декабри соли 1992 «Дар бораи таъсиси Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»–ро дар бар мегирад. Дарвоқеъ, Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар заминаи Фронти халқӣ ва гурӯҳҳои собиқ тарафдори ҳокимияти Конститутсионӣ бар хилофи дигар ҷумҳуриҳои аъзои ИҶШС бе мавҷудияти пойгоҳи моддӣ–техникӣ аз сифр ташкил дода шуд;

–дуюм, аснод доир ба марҳилаи дуюми ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1993–1997–ро дар бар гирифта, дар ин марҳила таваҷҷуҳ ба таҳкими марзҳо, қабули қарор дар бораи савганди ҳарбӣ, фармон дар бораи ташкили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ, қарори муштараки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукумати Федератсияи Россия доир ба эъзоми Дивизияи 201-уми ва Нерӯҳои сулҳҷӯйи дастаҷамъонаи ИДМ–ро дар бар мегирад;

асноде, ки ба марҳилаи сеюми ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳ ҳамгироӣ ва азнавташкилдиҳӣ бахшида шудааст, солҳои 1998 то соли 2000–умро дар бар мегирад;

–имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҷрибаи беназири таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки дар ин марҳила ворид кардани воҳидҳои Мухолифини тоҷик (ИНОТ) ба ҳайати ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

–аснод ва адабиёт аз солҳои 2000–ум то имрӯзро дар бар гиранда ба марҳилаи ташаккули артиши касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Қобили қайд аст, ки дар ин марҳила аввалин кадрҳои Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва хатмкардагони омӯзишгоҳҳои Федератсияи Россия ба сафҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ дохил карда шуданд, ки заминаи ташкили навъҳои алоҳидаи ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳро фароҳам овард.

Таъсиси ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон як раванди мураккаб, маҳсуб меёбад, ки зарурати бунёд ва таҳкими онҳоро метавон дар самтҳои зерин арзёбӣ намуд;

якум, вазъи геополитикии минтақа, аз ҷумла фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ё экстремистӣ, марзи тӯлонӣ бо Афғонистони ноором дар минтақа;

дуюм, бо дарназардошти ҳудуди ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% онро кӯҳҳо ташкил медиҳад, ташкили Қуввaҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ки қодир бошанд дар ҳар шароит, аз ҷумла шароити кӯҳсор амал намоянд;

сеюм, уҳдадориҳо дар доираи рисолати сулҳҷӯёна низ ҷанбаи дигари ташкили ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёфта, барои иштирок дар амалиётҳои дастаҷамъии вокуниши фаврии қуввaҳои аъзои САД мебошад;

чорум, аҳаммияти афзояндаи безараргардонии минтақаҳои ҳасос ҷиҳати таъмини амнияти марзи ҷумҳурӣ ва таъсиси воҳидҳои муҳандисӣ дигаргуниҳоро тақозо менамуд.

Дар ташаккули Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон–САД (Созмони Аҳдномаи Амниятии Дастҷамъӣ) нақши бориз дорад. САД–созмони сиёсию ҳарбӣ мебошад, ки ба ҳифзи амният ва субот дар минтақаи

Осиёи Марказӣ, махсусан барои кишварҳои аъзои он, мусоидат менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи аввали таъсиси СААД аъзои он мебошад. Ин созмон барои рушд ва тақвияти Қуввахои Мусаллаҳи кишвар ва инчунин таъмини амнияти минтақа аҳаммияти муҳим дорад. СААД ба кишварҳои аъзои худ, аз ҷумла Тоҷикистон, барои рафъи хатару таҳдидҳои амниятӣ мусоидат мекунад. Хусусияти ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон аҳаммияти стратегиро медиҳад. Дар бахши ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ – техникӣ Тоҷикистон, аз барномаҳои таълимию амалии ин созмон баҳраманд гашта, фаъолияти созмон ба афзоиши омодагии размии Қуввахои Мусаллаҳи кишвар мусоидат мекунад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои СААД кумак мекунад, ки Қуввахои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои созмонро бо технологияҳои нави муосир муҷаҳҳаз намоянд. Ба замони муосир мутобиқ гардонидан ва афзоиши иқтидори мудофиавӣ ба Қуввахои Мусаллаҳ кумак мерасонад, ки барои муқовимат бо хатару таҳдидҳо худро мутобиқ намоянд. СААД барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як шарики стратегӣ буда, дар таъмини рушди устувори амнияти кишвар нақши муҳим мебозад [6-М; 3-М].

Дар ташаккули Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ бо кишварҳои минтақа, аз қабили СҲШ нақши хеле калон доранд. Чунки ҷаҳони муосир дучори шаклҳои нави муқовимати низомӣ аст. Таҳдидҳои глобалӣ, бахусус терроризм барои амнияти сайёра ва кишварҳои ҷаҳон хатари ҷиддӣ эҷод менамояд. Аз ин рӯ, тайёрии ҷангии ҷузъу томҳо бо роҳи иштирок дар машқҳои муштарак такмил меёбад. Машқҳои муштарак дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста гузаронида мешавад, ки ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ ва амалии фанни таърихи ҳарбӣ бояд ҷиҳатҳои мусбати он арзёбӣ гардад [6–М].

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши равандҳои муҳоҷиратӣ, махсусан дар пасманзари пайдоиши фазои холии маънавӣ миёни ҷавонон, таҳдидҳои иттилоотӣ ва паҳншавии ақидаҳои бегона рӯз то рӯз мураккабтар ва хавфноктар мегарданд. Ин омилҳо зарурати таҳкими низоми тарбиявию идеологиро ҳамчун унсури муҳими таъмини амнияти миллӣ ба миён мегузоранд.

Дар ҳамин замина, 20 феврали соли 2015 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба як санади муҳимми стратегӣ дар самти ҳифзи амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Қабули ин консепсия ба иҷрои вазифаҳои муҳими таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла ташаккули эҳсоси баланди ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, Президент ва

савганди ҳарбӣ, инчунин таҳкими худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар сафи хизматчиёни ҳарбӣ, равона гардидааст.

Самтҳои калидии ин ҳуҷҷат фарогири тарбияи шуури миллӣ маҳсуб ёфта, он аз омилҳое чун омӯзиши амиқи таърих, шинохти рамзҳои давлатӣ ва дарки дастовардҳои даврони истиқлолият иборат мебошад. Ҳамзамон, ташаккули зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, аз ҷумла азхудкунии муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъҳои муҳими ин раванд таъкид мегарданд.

Зеро дар шароити муосир майдони асосии рақобат ва ҳатто бархӯрди манфиатҳо натанҳо фазои низомӣ, балки пеш аз ҳама шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки абзорҳои асосии он ақида, равони иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои иттилоотӣ мебошанд.

Дар ҷанги муосир тарафҳои ба ҳам муқобил барои ба даст овардани ғалаба тамоми захираҳои моддию маънавии худро ба кор меандозанд, ки ақида, ҳамчун омили муҳимми муассир шуморида мешавад. Мавқеи геостратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин густариши босуръати паҳншавии иттилоот тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, зарурати қабули Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявиро дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузошт. Зеро дар чунин шароити мураккаб хизматчиёни ҳарбӣ бояд дорои сатҳи баланди устувории маънавию идеологӣ бошанд, то битавонанд ба фишор ва таъсири ақидаҳои бегона муқовимати муассир нишон диҳанд.

Ҷанбаи муҳими тарбиявии ин ҳуҷҷат ба ташаккули ҳисси баланди ифтихор аз касби пуршарафи ҳарбӣ ва хизмати содиқона дар сафи Қуввахои Мусаллаҳ равона гардидааст. Артиш дар ин замина ҳамчун мактаби шуҷоат, масъулият ва кафили асосии сулҳу субот дар кишвар арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, ин консепсия аз хизматчии ҳарбӣ натанҳо такмили маҳорати касбӣ ва омодагии ҷангиро талаб менамояд, балки ӯро ҳамчун як шахсияти бошуур, ватандӯст ва ҳомии арзишҳои миллӣ тарбия намуда, барои ҳимояи манфиатҳои давлату миллат омода месозад [2-М; 3-М].

Яке аз омилҳои муҳими саркашии ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ, набудани сатҳи зарурии омодагии пеш аз даъватӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мушкилоти калидӣ дар рушди илми ҳарбии кишвар бетаваҷҷуҳии ниҳодҳои дахлдор ба бахшҳои бунёдии ин соҳа иртибот дорад. Пеш аз ҳама, ин ба сатҳи пасти таълими фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» ва ба таври кофӣ истифода нашудани имкониятҳои бозиҳои ҳарбӣ–варзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут мебошад. Мутаассифона, таълими фанни мазкур дар аксари муассисаҳои таълимӣ то ҳол ба талаботи

замони муосир мутобиқат намекунад, ки ин ҳолат, аз ҷумла дар номувофиқатии китобҳои дарсӣ бо барномаҳои таълимӣ равшан мушоҳида мегардад.

Дар чунин шароит, низоми омодагии пеш аз даъват бояд фарогири ҷанбаҳои тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ бошад, ба рушди ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат намояд. Танҳо дар сурати ташаккули чунин заминаи мукаммали тарбиявӣ метавон дар зеҳну шуури ҷавонон унсурҳои омодагии воқеии ҳарбӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатро парвариш кард.

Аз ҷониби дигар, сарфи назар аз он ки Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа (ТҶММ) дар самти омодасозии наваскарон ва татбиқи барномаҳои таълимии омодагии дифои ҳарбӣ, инчунин тарбияи ватандӯстӣ талошҳои муайян анҷом медиҳад, ҳолати инфрасохторӣ ва моддию техникии муассисаҳои он ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Аксари ин муассисаҳо, ки таърихи таъсисашон ба миёнаҳои асри XX бармегардад, то ҳол дар биноҳои куҳна ва ба меъёрҳои муосири таълим номутобиқ ҷойгир буда, имкониятҳои маҳдуди таълимӣ доранд. Илова бар ин, дар минтақаҳои дурдасти кишвар сатҳи огоҳии хонандагон дар бораи фаъолияти ин ташкилот хеле паст арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти ин, такмили низоми бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон бо истифодаи имкониятҳои ТҶММ ҳамчун як зарурати стратегии соҳаи маориф ва амнияти миллӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина, ҷалби фаъоли омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба равандҳои амалӣ, аз ҷумла шиносоӣ бо усулҳо ва технологияҳои муосири таълими ҳарбӣ, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Татбиқи чунин равиши муосир метавонад натанҳо ба баланд гардидани сатҳу сифати омодагии пеш аз даъват мусоидат намояд, балки заминаҳои устувори ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар миёни ҷавонон таҳким бахшад, ки ин дар маҷмӯъ омили муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ ва амнияти давлатӣ ба шумор меравад. [5-М].

Дар тули се даҳсола дар баробари рушди соҳаҳои мухталифи давлатӣ, ҳукумати мамлакат барои рушди Қуввaҳои Мусаллаҳ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ доданд. Қобил ба зикр аст, афзоиши иқтидори Қуввaҳои Мусаллаҳ бо кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, дар шароити ниҳоят ноустувор ва мураккаби геополитикӣ ба як сохтори муккамалу муқтадир ва ҳомии соҳибихтиёрии давлатӣ табдил ёфтааст.

Қувваҳои Мусаллаҳ рисолати худро дар таҳкими марзу буми Тоҷикистон тақвият намуда, на танҳо дар самти таъмини амнияти миллӣ, балки ба амнияти минтақавӣ низ саҳми бориз гузоштанд. Дар раванди дастовардҳои назаррас дар рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ба роҳ мондани низоми гуногунсатҳи омода намудани кадрҳои афсарӣ (ташкил додани Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзишгоҳҳои омоданамоии кадрҳои соҳаи марзбонӣ, Литсейи ҳарбӣ) назаррасанд.

Дар натиҷаи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инфрасохтори соҳаи мудофиавӣ рушд ёфта, дар тамоми минтақаҳои марзии кишвар дидбонгоҳҳои сарҳадӣ ва дар таркиби қисму воҳидҳои қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ марказҳои таълимии ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, шаҳракҳои нави низомӣ, хобгоҳи сарбозон ва ҳамчунин, таъминоти манзили истиқоматӣ барои оилаҳои афсарон чораҳо андешида шуданд, ки чунин нақшаҳои бунёдкорона идома хоҳад ёфт.

Ҳамин тариқ, дастовард ва комёбиҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутобиқсозии низоми ҳарбӣ ва таҳдидҳои асри XXI равона гардидаанд. Самти меҳварии ин раванд, пеш аз ҳама ба рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир иртибот дорад.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи махсус ба рушди зеҳни сунъӣ, аз ҷумла такмили системаҳои ҳавопаймоҳои бесарнишин, навсозии пойгоҳи техникӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин таҳкими арзишҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ зоҳир мегардад. Ҳамзамон, мубориза бо терроризм ва дигар таҳдидҳои муосири амниятӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ин сиёсати стратегӣ баррасӣ шуда, ба таъмини субот ва амнияти устувор мусоидат менамояд.

